**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**

**АКАДЕМИЯ**

**КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ,**
**КРИМИНОЛОГИЯ ВА ПСИХОЛОГИЯ**

---


**ҲУСЕЙНЗОДА СИНО ҲОТАМӢ**
**АЗИМЗОДА НАЗИР БОЗОР**
**АВИЗОВА ШАҲНОЗА НЕЪМАТУЛЛОЕВНА**


# ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

## ҚИСМИ УМУМӢ

**МАҶМӮАИ МАСЪАЛАҲО**
(воситаи таълимӣ)

Зери таҳрири
*сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,*
*генерал-майори милитсия*
***Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ***


**Душанбе**
**«Графика-83»**
**2019**

ББК 58+51.1+67.5+67.52+67.99(2)8
Ҳ-94

***Ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.***

**Ҳусейнзода С.Ҳ., Азимзода Н.Б., Авизова Ш.Н.**
Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Маҷмӯаи масъалаҳо. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Графика-83», 2019. - 100 саҳ.

**Муаллифон: Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ** – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия;

**Азимзода Назир Бозор –** мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, д.и.ҳ., профессор;

**Авизова Шаҳноза Неъматуллоевна** – ассистенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Муқарризон: Сафарзода Ҳ.С.** – сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ, подполковники милитсия.

**Хайров Ф.М.** – муовини сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ, подполковники милитсия.

**Искандаров** З. Ҳ. – профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва назорати прокурории ДМТ, д.и.ҳ.

Воситаи таълимии мазкур дар асоси барномаи таълимӣ аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) ва қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст. Он дар худ вазифаҳоро оид ба тамоми мавзӯъҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин номгӯи адабиётҳои истифодашударо оид ба ҳар як мавзӯъ дар бар мегирад, ки барои пешбурди дарсҳои амалӣ аз рӯи Қисми умумии фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ заруранд.

Воситаи таълимӣ аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ барои омӯзгорон, адъюнктон, аспирантон, шунавандагон, курсантон ва донишҷӯёне, ки бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ таҳсил менамоянд, тавсия карда мешавад.

ISBN 978-99975-303-5-6
© Ҳусейнзода С.Ҳ., Азимзода Н.Б., Авизова Ш.Н., 2019.

# М У Н Д А Р И Ҷ А

**САРСУХАН** ............................................................... **4**

**Мавзӯи 1.** Қонуни ҷиноятӣ ............................................... 6
**Мавзӯи 2.** Мафҳум ва категорияҳои ҷиноят ........................ 10
**Мавзӯи 3.** Ҷавобгарии ҷиноятӣ ва асоси он ......................... 15
**Мавзӯи 4.** Таркиби ҷиноят ................................................ 19
**Мавзӯи 5.** Объекти ҷиноят................................................. 24
**Мавзӯи 6.** Тарафи объективии ҷиноят ................................ 28
**Мавзӯи 7.** Тарафи субъективии ҷиноят ............................... 34
**Мавзӯи 8.** Субъекти ҷиноят ............................................... 39
**Мавзӯи 9.** Давраҳои содир кардани ҷиноят ......................... 43
**Мавзӯи 10.** Шарикӣ дар ҷиноят ........................................... 47
**Мавзӯи 11.** Сершумории ҷиноятҳо ....................................... 52
**Мавзӯи 12.** Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд ............................................. 58
**Мавзӯи 13.** Мафҳум ва мақсади ҷазо .................................... 69
**Мавзӯи 14.** Система ва намудҳои ҷазо................................... 73
**Мавзӯи 15.** Таъини ҷазо......................................................... 77
**Мавзӯи 16.** Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ................. 81
**Мавзӯи 17.** Озод кардан аз ҷазо ............................................ 85
**Мавзӯи 18.** Авф. Бахшиши ҷазо. Доғи судӣ. Сафедкунӣ.... 89
**Мавзӯи 19.** Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон...................... 92
**Мавзӯи 20.** Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ................................................................. 96

# САРСУХАН

Ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қатори дигар соҳаҳои ҳуқуқ ҳамчун фанни таълимӣ омӯхта мешавад. Азхуд кардани он дар сатҳи зарурӣ аз ҷониби донишҷуён ин шарти асосии фаъолияти бомувафақият дар низоми мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳамчунин дар ҳама гунна соҳаи фаъолияти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Чунин воситаи таълимӣ бо мақсади омӯзонидани донишҷуён ҳангоми гузаронидани дарсҳои амалӣ бо роҳҳои ҳал намудани вазифаҳое, ки ба ҳар як мавзӯӣ қисми умумии фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ дахл доранд, омода шудааст. Омӯзиши фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ аз таҳлили қисми умумӣ оғоз мегардад. Ҳангоми оғози таҳлили қисми умумӣ пеш аз ҳама зарур аст, ки бо барномаи таълимии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шавем. Воситаи таълимии мазкур дар асоси ҳамин барномаи таълимӣ коркард шудааст.

Оид ба ҳар як мавзӯъ вазифаҳо тавсия карда шудааст, ки ҳангоми тайёр кардани дарсҳои семинарӣ ва КМРО истифода бурдани онҳо мувофиқи мақсад аст, аммо бояд дар назар дошт, ки вазифаҳо мазмуни фанни таълимиро ташкил намедиҳанд. Аз ин рӯ, онҳо наметавонанд маводҳои лексионӣ ва китобҳои дарсиро иваз намоянд. Онҳо танҳо саволҳои душворро шарҳ дода барои омӯзиши фан тавсияҳо медиҳанд. Ҳангоми омӯзиши Қисми умумии фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, донишҷуён бояд ба муқаррароти асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намоянд. Таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти зарурии бомуваффақият азхуднамоии Қисми умумии фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Барои дарки аниқ ва фаҳмидани мазмуни баъзе институтҳо шарҳи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳмияти муҳимро дорад. Номгӯи са-

надҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳар як мавзӯъ муқаррар карда шудааст.

Донишҷӯ бояд оид ба ҳалли ҳар як вазифа бодиққат фикр карда нуқтаи назари назариявии худро баён намояд. Барои ҳамин ҳам, ҳангоми тайёрӣ ба дарси амалӣ, донишҷӯ набояд танҳо бо омӯхтани китоби дарсӣ дониши худро маҳдуд намояд, балки аз дигар адабиётҳои иловагие, ки дар номгӯи рӯйхати адабиётҳо, ки ба ҳар як мавзӯъ алоҳида бахшида шудааст, истифода намояд. Чунин амал барои сайқал додани сатҳи дониши донишҷӯ манфиатбахш аст. Чи хеле, ки таҷриба нишон медиҳад яке аз усулҳои аз ҳама беҳтари таъсирбахш оид ба бурдани дарсҳои амалӣ ин ҳал намудани вазифаҳо ба ҳисоб меравад. Ин ба мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ мусоидат менамояд ва истифода бурдани малакаи дониши донишҷӯро дар таҷриба сайқал медиҳад.

Ҳалли вазифаҳое, ки дар воситаи таълимӣ оид ба ҳар як мавзӯъ муқаррар карда шудааст, қисми асосии бурдани дарсҳо бо роҳбарии омӯзгор ба ҳисоб меравнад. Вазифаҳо дар асоси ҷамъбасти таҷрибаҳои судие, ки дар маҷаллаю маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ чоп шудаанд, тартиб дода шудааст. Ҷавобҳо оид ба саволҳои гузошташуда бояд аниқ ва муфассал бошанд. Аз рӯи мавзӯъҳои мушаххаси воситаи таълимӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиётҳои махсуси мувофиқгардонидашуда, тавсия карда шудааст.

# МАВЗӮИ 1. ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ

**Санадҳои меъёри ҳуқуқи**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Бройнин О.М. Уголовный закон и его применение М., 1967.

6. Муллаев М.М. История уголовного право Таджикской ССР. Душанбе, 1981.

7. Бойцов И. Действие уголовного закона во времени и в пространстве. СПб, 1995.

8. Попов А.Н. Уголовный закон и его обратная сила. СПб, 1998.

9. Спасов В. Закон и его толкование. М., 1986.

10. Медведев А.В. Пределы действия Уголовного закона. М., 1998.

11. Уголовное право. Общая часть / Под.ред.прф. М.П. Журавлева и к.ю.н С.И. Никулина. Масква, 2008.

**Вазифаи №1**

Собиров, ки шаҳрвандии ягон давлатро надорад, дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Узбекистон шаҳрванд Тухтабоевро кушта аз ҷои ҳодиса ғайб мезанад. Баъди чанд муддат ӯ дар шаҳри Душанбе дастгир мешавад.

**Савол:**

1. Собиров мувофиқи қонунгузории ҷиноятии кадом давлат ба ҷавобгарии ҷинояти кашида мешавад?

2. Оё Собировро бо дарназардошти, он ки ҷиноятро дар шаҳри Тошкент содир намудааст, ба Ҷумҳурии Узбекистон месупоранд?

**Вазифаи №2**

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Комилов, ки рухсатии меҳнатии худро дар шаҳри Нурсултони Ҷумҳурии Қазоқистон мегузаронид, ҳангоми идораи автомобил қоидаи роҳро вайрон намуда ба шаҳрванд Исламбеков зарари вазнини ҷисмонӣ мерасонад.

**Савол:**

1. Ҷавобгарии ҷиноятии шаҳрванд Комиловро ҳал намоед?

**Вазифаи №3**

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродов бо нияти халос шудан аз оилаи худ қасди куштани ӯро кард. Бо ҳамин мақсад ҳангоми сайру гашт дар қатораи хатсайри Душанбе – Москва, дар роҳ, ки қатора аз сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон мегузашт, ба пиёлаи чойи оилааш захр пошид, ки ҳангоми истеъмол вазъи саломатиаш бад гардид. Хушбахтона Муродова дар натиҷаи ёрии тиббие, ки аз тарафи ҳамҳуҷраи онҳо духтур Отаев расонида шуд, наҷот ёфт ва зинда монд.

**Савол:**

1. Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии Муродовро ҳал намоед?

2. Агар оилааш Муродова вафот мекард, чӣ оқибатро ба вуҷуд меоварад?

**Вазифаи №4**

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматов ба дохили бинои консулии Хитой, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, бо роҳи пинҳонӣ ворид шуда аз он ҷо мехост дуздӣ кунад, аммо ӯро дар дохили бинои консулӣ дастгир намуданд.

**Савол:**

1. Шаҳрванд Исматов мувофиқи қонунгузории ҷиноятии кадом давлат (Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҷумҳурии Хитой) ба ҷавобгари кашида мешавад?

2. Агар Исматовро берун аз бинои консулӣ дастгир мекарданд, чӣ гуна оқибатро ба миён меоварад?

3. "Экстеритория" чӣ маъно дорад?

**Вазифаи №5**

Нисбати шаҳрванд Гадоев 29.03.2006 мувофиқи қисми 1 моддаи 237 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои авбошӣ парвандаи ҷинояти оғоз шуда аз тарафи суд ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати 2 сол таъин карда шуд. Баъди 6 моҳ аз ҷониби мақомоти қонунгузор ба қисми 1 моддаи 237 Кодекси ҷиноятӣ оид ба аз санксияи ин модда хориҷ кардани чунин намуди ҷазо тағйирот ворид карда шуд.

**Савол:**

Қонуни ҷиноятӣ метавонад дар чунин ҳолат қувваи бозгашт дошта бошад ё не?

**Вазифаи №6**

Шаҳрванди Олмон, Ланге, ки дар шаҳри Берлин истиқомат менамояд мунтазам бо хариду фурӯши маводи нашъаовар дар ҷои истиқоматаш машғул буда, ҳамчунин аз шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Каминская

чунин намуди маводи нашъоварро ба даст овард. Дар моҳи августи соли 1999 шаҳрванд Ланге якҷоя бо гурӯҳи сайёҳон ба шаҳри Душанбе омад. Оид ба шарик будан шаҳрванд Ланге ба муомилоти маводи нашъадор мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ба даст оварда ӯро дастгир намуданд.

**Савол:**

1. Шаҳрванд Ланге барои хариду фуруши маводи нашъовар дар ҳудуди Олмон, мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад?

2. Метавонанд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд Лангеро ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Олмон барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё ин ки адои ҷазо супоранд?

## МАВЗӮИ 2. МАФҲУМ ВА КАТЕГОРИЯҲОИ ҶИНОЯТ

**Санадҳои меъёри ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

3. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, Глобус, 2006.

**Адабиёт.**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Дурманов Н.Д. Понятие преступления. М., 1948.

6. Ковалёв М.И. Понятие преступления в советском уголовном праве. Свердловск, 1987.

7. Кузнецова Н.Ф. Преступления и преступность. М., 1969.

8. Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния, как универсальная категория советском уголовном праве. М., 1989.

9. Наумов А.В. Курс уголовного права. Общая часть. Т.1. Москва, 2007.

**Вазифаи №1**

Қурбонов дар боғи истироҳатӣ аз дасти Усмонова сумкаи ӯро кашида гирифта мехост гурезад, аммо кормандони ШВКД, ки дар он ҷо ҳузур доштанд Қурбоновро дастгир намуданд ва ӯро ба шуъба ҳамчун гумонбар дар содири ҷиноятӣ ғоратгари бурданд. Дар ШВКД Қурбонов ҳаракатҳои худро ба он маънидод намуд, ки ӯ мехост бо ин роҳ бо Усмонова шинос шавад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои содир намудаи Қурбонов ҳамчун ҷиноят эътироф мешаванд ё не?

**Вазифаи №2**

Эгамов медонист, ки ҳамкори ӯ Норматов бо мақсади баргардонидани қарз аз бонк пул гирифтааст, ва аз ин рӯ фикри азхудкунии онҳоро кард. Дар рузи дигар бо роҳи фиреб калиди сейфро дарёфт намуда Эгамов онро кушод ва аз он лифофаи бонкро гирифт. Аммо дар лифофа ҳамаги 5 сомонӣ буду халос. Маълум шуд, ки Норматов худи ҳамон рӯз қарзро баргардонидааст.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Эгамов ҷинояткорона аст ё не?

**Вазифаи №3**

Идрисов, ки дар пиёдараҳаи байни роҳ рафта истода буд, ногоҳ пеш – по мехӯрад ва ҳангоми ба замин афтодан аз беэҳтиёти дастӣ ӯ ба аробачаи кӯдак, ки дар назди модараш истода буд, расид. Оқибат кудак аз аробача ба замин зада вафот намуд.

**Савол:**

Ҳаракати шаҳрванд Идрисов ҷинояткорона аст ё не?

**Вазифаи №4**

Исматов бо завҷаи худ ба консерт омада фаҳмид, ки чиптаи он барои ду нафар 21 сомониро ташкил медиҳад. Дар кисаи Исматов ҳамаги 20 сомонӣ буду халос. Барои он, ки табъи завҷаашро хира нагардонад ба роҳи пинҳонӣ аз кисаи шахси дар наздаш истода 1 сомонӣ гирифта билет мехараду зану шавҳар ба консерт медароянд.

**Вариант:**

Дар кисаи шахси ҷабрдида 100 сомонӣ буд. Исматов метавонист ҳамаашро гирад, лекин ҳамагӣ 1 сомониро гирифт. Агар 5 сомониро мегирифт чӣ?

**Савол:**

Ба кирдори Исматов баҳо диҳед?

**Вазифаи №5**

Забиров, ки ҳамчун рубанда ба тоза кардани бомҳои биноҳо аз барф машғул буд. Ногаҳон ҳангоми тоза кардани бом барфҳои партофтаи ӯ ба сӯи замин ба роҳгузар Саидова бархурданд. Дар натиҷа ба Саидова зарари сабукӣ ҷисмонӣ расонида шуд.

**Савол:**

Боби 16 – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯхта ҳал намоед, ки аз беэҳтиёти расонидани зарари сабуки ҷисмони ҷиноят ҳисоб мешавад ё не?

**Вазифаи №6**

Дилоева дар бевақтӣ ҳангоми аз кор ба хона баргаштанаш дар роҳ мардеро дид, ки дар замин афтода бо суханону ҳаракатҳои худ мехост диққати ӯро ҷалб намояд. Дилоева ӯро маст шуморида ба тези ба сӯи хона шитобид. Дар рӯзи дигар Дилоева фаҳмид, ки дар назди хонаи ӯ ҷасади мардеро дарёфт намуданд, ки аз касалии дил вафот кардааст. Ин ҳамон мард будааст.

**Савол:**

Дар асоси моддаи 127 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намоед, ки рафтори Дилоева ҷинояткора буд ё не?

**Вазифаи №7**

Сулаймонов аз рӯи қасд, ки судя Оқилов аз ӯ пора нагирифта, ба бародари ӯ барои содир намудани ҷиноят ҷазо таъин намуда буд, ба ҳаёти судя таҷовуз содир намуд. Ҳангоми адои ҷазо ба моддаи 356 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкумшуда Сулаймонов аз чойҳои маҳрумӣ аз озодӣ гурехт.

**Савол:**

1. Дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятӣ содир намудаи Сулаймоновро муайян намоед?

2. Ба кадом категорияҳои ҷиноятҳо, ҷинояти Сулаймонов дохил мешавад?

**Вазифаи №8**

Ғаниева дафтари хотираи духтарашро ҳангоми рӯбучини хона дарёфта онро хонд. Дар он навишта шуда буд, ки духтараш падархондашро бо сабаби мастшавӣ ва муносибати бераҳмона бо ӯ ва модараш бад мебинад. Инчунин, духтараш нияти мурдани падархондашро хоста барои куштани ӯ нақшаеро пешбинӣ намудааст. Ҳамаи гуфтаҳои духтараш дар ҳамин дафтари хотира қайд шуда будааст.

**Савол:**

Чӣ тавр ба чунин ҳолат метавон аз нигоҳи қонуни ҷиноятӣ баҳо дод?

**Вазифаи №9**

Саидов ҳангоми дар навбат истоданаш барои харидори кардани шир, назди кассаи мағоза, бақияи шахси пештар истодаро, ки ширҳои харидаи худро дар дохили

сумка меандохт, аз фурсат истифода бурда ба маблағи 5 сомонӣ тасаруф намуд.

Ҳаракатҳои худро Саидов ба он ҳолат маънидод намуд, ки ӯ ҳамёни худро аз ёд баровардааст ва барои харидани шир маблағ надошт.

**Савол:**

Метавонад, ки ҳаракатҳои Саидов камаҳамият эътироф карда шавад? Агар ҳа, барои чӣ?

**Вазифаи №10**

Дар яке аз беморхонаҳои марказии ноҳия балоне, ки дар он кисларод навишта буд, ворид намуданд. Ҳангоми гузаронидани ҷарроҳи анестизолог Иванова аппарати нафаскашии сунъии ҷарроҳишавандаро ба он пайваст намуд. Дар натиҷа бемор вафот намуд.

Баъдан маълум гашт, ки дар ин балоне, ки маркаи “кислород”-ро дошт, ба он аз бепарвоӣ гази табиӣ ба ҷои кислород пур карда шуда будааст.

**Савол:**

Мумкин аст, ки ҳаракатҳои Ивановаро ҷиноятко-рона ҳисобем?

# МАВЗӮИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ВА АСОСИ ОН

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

3. Маҷмуи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои 1995 – 2004.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар накшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Астемиров З.А. Проблемы теории уголовной ответственности. Махачкала, 1994.

6. Корпушин М.П. Кругяндский В.И. Уголовная ответственность и состав преступления. М., 1974.

7. Петрова Г.О. Уголовно – правовые отношения. М., 1986.

8. Санталов А.И. Теоретические вопросы уголовной ответственности. Л., 1982.

9. Уголовное право. Общая часть./Под.ред.прф. Кадникова Москва – Книжный мир. 2007.

10. Иванов Н.Г. Уголовное право Р.Ф. Общая часть. М., 2000.

**Вазифаи №1**

Табаров ба рафиқи худ Зоиров нақл намуд, ки ӯ мехоҳад ҳамсояи худ Замоновро аз ҳаёт маҳрум созад ва хоҳиш намуд, ки ба ягон кас ин воқеаро нагӯяд, то он ки ба нақшаи фикркардаи ӯ халал нарасонад. Зоиров дар ин бора ба касе чизе нагуфт.

**Савол:**

1. Асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Табаров вуҷуд дорад ё не?

2. Асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Зоиров барои хабар надодани нақшаи фикркардаи Табаров оид ба куштори Замонов, ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ вуҷуд дорад ё не?

**Вазифаи №2**

Собиров аз баландӣ Фарморновро тела дод, ки дар натиҷа Фармонов ба болои кӯдак афтида ба саломатии ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонида шуд.

**Савол:**

1. Асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Фармонов ва Собировро муайян намоед?

**Вазифаи №3**

Ҳаракатҳои Бобоев оид ба он, ки ӯ якчанд маротиба дар ҷои либоскашии ҳамомхона аз киссаи ҳамкорон, сигор тасарруф намудааст, ошкор гардид.

**Савол:**

1. Оё барои ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани Бобоев асос вуҷуд дорад ё не?

**Вазифаи №4**

Эшматов, ки ҳамагӣ 13 – сол дошт, аз рӯи қасд ҳангоми бо корд задан шаҳрванд Толибовро ба қатл расонид.

**Савол:**

**1.** Асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Эшматов вуҷуд дорад ё не?

**Вазифаи №5**

Сафаров нисбати зани калонсол таҷовуз ба номус содир намуд. Аммо, ин зан аризаи даъвогиро оид ба таҷовуз ба номус ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накард.

**Савол:**

Асосҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Сафаров вуҷуд дорад ё не?

Баъди он Сафаров боз дигар зани калонсолро низ таҷовуз намуд.

**Савол:**

Асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Сафаров барои таҷовуз ба номуси дуюм вуҷуд дорад?

**Вазифаи №6**

Барои он, ки Азизов соҳиби ҳуҷраи иловагӣ дар хонаи коммуналӣ гардад, бо суиистифода аз ҳолати мастии ҳамсояи худ ӯро бовар кунонид, ки худкушӣ намояд. Вақте, ки ҳамсояаш ба худкушӣ розӣ шуд, Азизов барои дар дор кашидани ӯ кумак намуд. Оид ба ин ҳодиса мақомоти прокуратура парвандаи ҷиноятиро мувофиқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба худкуши расонидан) оғоз намуд.

**Савол:**

Асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Азизов вуҷуд дорад ё не?

**Вазифаи №7**

Муродови 12 – сола ба рафиқи худ - донишҷӯи яке аз донишгоҳҳои пойтахт Убайдов таклиф намуд, ки аз

анборхонаи ҳамсояаш шабона аккамулятор ва чархҳои автомобилро дуздӣ намояд. Аммо, Убайдов ин таклифи Муродовро рад намуд.

**Савол:**

Асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Муродов вуҷуд дорад ё не?

## МАВЗӮИ 4. ТАРКИБИ ҶИНОЯТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят. Дастури таълимӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2013.
4. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
5. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
6. Брайнин А.Я. Уголовная ответственность и её основания в советском праве. М., 1963.
7. Карпушин М.П. Курляндский В.И. Уголовная ответственность и состав преступления. М., 1974.
8. Ветров Н.И. Уголовное право РФ. Общая часть. М., 1999.
9. Курс уголовного права. /Под.ред.проф. Кузнецовой. Москва, 1999. Общая часть.
10. Сатторов Г.С. Азимов Н.Б. Уголовное право. Альбомсхема. Общая часть. Душанбе, 2006.

**Вазифаи №1**

Каримов ҳангоми ҳаракат дар наклиёти ҷамъиятӣ аз сумкаи Болтаева ҳамёнро бо мақсади дарёфти маблағ тасарруф намуд. Аммо, дар ҳамён танҳо мактуб ва телеграмма буд. Маблағ надошт.

Вариант: Агар ҳамён 1 сомонӣ ё 50 сомонӣ мебуд – чӣ?

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои Каримов таркиби ҷиноят вуҷуд дорад ё не?

**Вазифаи №2**

Рашидов, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, шабона ба таги тирезаи ҳамсояаш шаҳрванд Бобомуродова наздик омада нисбати ӯ ҳарфҳои таҳқиромез зад. Инчунин, хоҳиш намуд, ки Бобомуродова ба наздаш бароядд, аммо Бобомуродова ба таъкиди ӯ аҳамият надод. Баъдан Рашидов тирезаро шикаста мехост ба ҳуҷраи Бобомуродова дохил шавад, вале мутаасифона аз тарафи корманди милитсия, ки бо даъвати Бобомуродова ҳозир шуда буд, дастгир шуд. Ҳангоми ба ШВКД ҳозир кардани Рашидов, ӯ муқобилият нишон дода корманди милитсияро бо мушт ба руяш зад.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои Рашидов кадом аломатҳои таркиби ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №3**

Лолаев ва Тоиров шабона дар кӯча шаҳрванд Назаровро лату кӯб намуданд ва ба ӯ зарари ҷисмонии дараҷаи миёна расониданд. Аз рӯи мавод муайян карда шуд, ки ангезаи лату кӯб намудан, ин муносибати хусуматомез байни Тоиров ва Назаров будааст. Лолаев ва Тоиров мувофиқи бандҳои “а” ва “б” қисми 2 моддаи

237 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум карда шуданд.

**Савол:**

Оё дар ҳаракатҳои Лолаев ва Тоиров аломатҳои таркиби ҷинояти дар моддаи 237 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқараршуда вуҷуд дорад?

**Вазифаи №4**

Гадоев ва Шифоев дар соҳили дарёи шаҳри Хуҷанд қарор дошта бо шаст ва тури моҳидорӣ ба сайди моҳӣ машғул буданд. Ҳамзамон, онҳо ягон ҳуҷҷатҳои лозимаро аз ҷумлаи "Иҷозатнома" – надошта хуб медонистанд, ки ҳамон вақт аз сабаби тухмгузории моҳиҳо сайди онҳо ба муҳлати муайян манъ карда шудааст.

**Савол:**

1. Асоси ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани Гадоев ва Шифоев мувофиқи моддаи 230 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад ё не?

2. Кадом аломатҳои дар диспозитсяи моддаи 230 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқараршуда барои ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳамият дорад?

**Вазифаи №5**

Қаравули анбор Анваров зимни навбатдории навбатӣ дар ҳолати мастӣ омада дар печи барқӣ барои чойнушӣ чойникро гузошту хобаш бурд. Анваров танҳо ҳангоми сӯхтори як қисми анбор аз гармӣ бедор шуда, сӯхторхомушкунандагонро даъват намуд. Онҳо на ҳамаи анборро аз оташ пешгирӣ карданд.

Қисми зиёди анбор сӯхта хокистар шуд, ки зарари расонидашуда 10 ҳазор сомонро ташкил дод. Анваров зарари расондашударо талофӣ намуд.

**Савол:**

Оё дар кирдори Анваров аломатҳои таркиби ҷинояти моддаи 256 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад?

**Вазифаи №6**

Ронандаи нақлиёти ҷамъиятӣ (автобус) ҳангоми кӯшиши пеш гузаштани троллейбус, ки дар истгоҳ қарор дошт, шаҳрванд Акрамоваро зада ба ӯ зарари сабуки ҷисмонӣ расонид.

**Савол:**

1. Дар ҳаракатҳои ронандаи автобус аломатҳои таркиби ҷиноятӣ моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад ё не.

2. Аз рӯи сохташ таркиби ҷинояти дар моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда чӣ гуна аст?

**Вазифаи №7**

Орипов бегоҳирӯзӣ дар боғи истироҳатӣ бо шаҳрванд Расулова вохурда талаб намуд, ки Расулова ба ӯ соат, ангуштарину ҳалқаи тиллоӣ, сумка ва палторо диҳад. Расулова ин талаби Ориповро рад карда мехост аз он ҷо гурезад, аммо Орипов кордро аз танаш бароварда таҳдиди куштани ӯро намуд.

Ҳангоми такроран талаб кардани амволи Расулова шаҳрванд Орипов ба ӯ бо мушту лағат се-чор маротиба зад, ки боиси ба муддати кӯтоҳ осеб дидани ҷисми Расулова гашт. Орипов бошад аз тарафи раҳгузарон дастгир карда шуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супорида шуд.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои Орипов кадом аломатҳои таркиби ҷиноят ҷой дорнд?

**Вазифаи №8**

Умарови 14 сола ва Мамедови 13 сола шабона дар роҳ автомобили бесоҳиб ва бо дарҳои кушодаро дида аз дохили он магнитафон ва ду адад қуттие, ки вуҷуд дошт, тасарруф намуданд ва дере нагузашта аз ҷониби кормандони милитсия дастгир карда шуданд.

**Савол:**

Ноболиғон Умаров ва Мамедов барои кирдори содирнамудаашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ё не?

**Вазифаи №9**

Тиллоев нисбати духтари хурдсол Лолаева ҳаракатҳои бадахлоқонаро анҷом дод. Дар рафти тафтишот маълум гардид, ки Тиллоев аз кудакӣ камақл будааст.

**Савол:**

Тиллоев ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ё не?

# МАВЗӮИ 5. ОБЪЕКТИ ҶИНОЯТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанде: Графика, 2019.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар накшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят. Дастури таълимӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2013.
4. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
5. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
6. Коржиенский Н.И. Объект и предмет уголовно – прововой охраны. М., 1980.
7. Таций В.А. Объект и предмет преступления в советском уголовном праве. Харьков, 1988.
8. Уголовное право. Общая часть.// под редакцыей проф. Петрашева В.Н. М., 1999.
9. Сатторов Г.С. Азимов Н.Б. Уголовное право. Альбом-схема. Общая часть. Душанбе, 2006.
10. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, Глобус, 2006.

**Вазифаи №1**

Исмоилов ҳангоми суҳбат бо Власов ногаҳон ба ғазаб омада яку якбора бо мушт ӯро зад. Дар натиҷа ба Власов зарари сабуки ҷисмонӣ расонда шуд.

**Савол:**

Кирдори ҷинояткоронаи Исмоилов ба кадом объекти ҷиноят равона карда шуда буд?

**Вазифаи №2**

Раҷабов дар туйи арусию домодии хешовандонаш дар ҳолати мастӣ ба саҳнаи тӯй баромада бо овози баланд арусу домодро таҳқир намуд.

**Савол:**

Оё кирдори Раҷабов объекти ҷиноятро доро мебошад?

**Вазифаи №3**

Орипов бо Вайсов шабона дари хонаи истиқоматии шаҳрванд Содиқовро, ки муваққатан дар он ҷо зиндагӣ намекард, шикаста аз он ҷо ду адад телевизор, фотокамера ва якчанд адад қолинҳоро ба маблағи 4000 сомонӣ тасарруф намуданд.

**Савол:**

Объекти хелӣ ва бевосита, инчунин предмети ҷинояти содиршударо муайян намоед?

**Вазифаи №4**

Исроилов ва Қурбонов миёни шиносҳои худ дар беморхонае, ки Ашуров кор мекард, овозаеро паҳн намуданд, ки гуё Ашуров баччбозӣ мекунад. Далелҳои мазкур тасдиқ нагардиданд.

**Савол:**

Ба кадом объекти бевосита Исроилов ва Қурбонов таҷовуз намуданд.

**Вазифаи №5**

Ҳусайнов аз дари кушодаи хонаи истиқоматии шаҳрванд Шокирова суистифода намуда вориди манзили ӯ гашт ва бо корд таҳдид намуд, ки ба ӯ 5000 сомонӣ диҳад. Маблағро гирифта бо нияти он, ки Шокирова аз пайи ӯ наравад, ӯро бо корд зад. Хушбахтона Шокирова зинда монд.

**Савол:**

Объект ва предмети ҷиноятӣ содиркардаи Ҳусайновро муайян намоед?

**Вазифаи №6**

Ширинбеков ва Бояков ноболиғ будани Ибодоваро дониста ӯро бо мақсади таҷовуз ба номус ба хонаи Бояков оварданд. Ҳангоми муқобилият нишон додани Ибодова Шокиров ӯро лату кӯб намуда, дар натиаҷа бо навбат ба номуси Ибодова таҷовуз карданд. Ибодова аз тарс мубталои бемории заъфи ақл гардид.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Ширинбеков ва Бояков ба кадом объектҳо зарар расониданд?

**Вазифаи №7**

Комилов дар ҳолати мастӣ ба хонаи Иванова омада бо як дасташ гулӯи ӯро буғӣ кард ва бо таҳдид талаб намуд, ки ҳамаи тилловориашро ба ӯ диҳад. Иванова аз таҳдид тарсида аз гардану гӯшҳояш, гарданбанду ҳалқаҳои тилловориашро кашида ба Комилов дод.

**Савол:**

Объекти ҷинояти содиркардаи Комиловро муайян намоед?

**Вазифаи №8**

Наимов дар давоми ҳашт моҳ дар хонаи худ силоҳи тамғаи "Макаров"-ро, ки бо роҳи ғоратгарӣ ба даст оварда буд, пинҳон дошт.

**Савол:**

Объекти ҷинояти содиркардаи Наимовро муайян намоед?

**Вазифаи №9**

Андреев ва Силин дар муддати чор моҳ бо тайёр намудани пулҳои қалбакӣ машғул буда, онро ба воситаи нуқтаҳои мубодилаи асъор ба муомилот мегузарониданд.

**Савол:**

Объект ва предмети ҷиноятӣ содиркардашударо муайян намоед?

# МАВЗӮИ 6. ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят. Дастури таълимӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2013.

4. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

5. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

6. Акоев К.Л., Кауфман М.А. Объективная сторона преступления. М., 1995.

7. Ковалев М.И. Проблемы учения об объективной стороне преступления. Красноярск, 1991

8. Ковалев М.И. Объективная сторона преступления. Красноярск, 1993.

9. Кудрядцев В.Н. Объективная сторона преступления. М., 1960.

10. Мальцев В.В. Проблема уголовно – правовой оценки общественно опасных последствий. Саратов. 1989.

11. Уголовное право. Общая и Особенная часть./ Под.ред.прф. А.В. Бриллиантова. М, 2008

**Вазифаи №1**

Исмоилов, ки маълумоти тиббӣ надошт, бе иҷозатнома ба тайёр кардани доруҳо машғул буд. Ҳангоми тайёр кардани доруҳо аз ҳар намуд алафу гиёҳҳои табиӣ онҳоро ба шаҳрвандон мефурӯхт. Дар натиҷаи табобат гирифтани шаҳрвандон бо доруҳои аз ҷониби Исмоилов тайёрнамуда чанд нафари онҳо вазъи саломатиашон хароб гашта зарарҳои гуногун бардоштанд.

**Савол:**

Тарафи объективии ҷинояти дар моддаи 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбининамударо тавсиф намоед?

**Вазифаи №2**

Баротова бояд дар сини 55-солагӣ ба нафақа мебаромад, аммо ӯ варақаи дафтарчаи меҳнатиро қалбакӣ намуда, дар сини 50-солагӣ ба нафақа баромад ва дар муддати 5 сол ба маблағи 1,5 ҳазор сомонӣ нафақа гирифт.

**Савол:**

Аломати иловагии тарафи объективии ҷиноят ва аҳамияти онро барои банду басти ҳаракатҳои Баротова нишон диҳед?

**Вазифаи №3**

Қаландаров, ки аз ҷониби сардораш барои якчанд маротиба вайрон кардани қоидаҳои меҳнат аз кор ронда шуда буд, ният кард, ки қасди худро аз ӯ бигирад, то ки ӯро асабонӣ намояд. Бо ҳамин мақсад, Қаландаров бо роҳи пинҳонӣ аз назди ҳавлии боғчаи бачагонаи ноҳия, писари 5 солаи собиқ сардорашро рабуда, ӯро ба ноҳияи дигар назди хешовандонаш бурд ва хоҳиш намуд, ки 2-3 рӯз кӯдакро нигоҳубин намоянд.

**Савол:**

Оё дар рафтори Қаландаров тарафи объективии ҷинояти дар моддаи 130 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҷой дорад?

**Вазифаи №4**

Собирови 25 сола бегоҳирӯзӣ бо силоҳи газӣ нисбати Иванови 15 сола таҳдид намуда, ӯро бо истифодаи зӯрӣ ба як бинои сохтумонаш нотамом даровarda нисбати ӯ ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ доштаро (бачабозӣ) анҷом дод.

**Савол:**

1. Собиров ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад?

2. Хусусияти хоси тарафи объективии ҷинояти содирнамудаи Собиров дар чӣ зоҳир мегардад?

**Вазифаи №5**

Шодиев ба мағозаи пойафзолфурушӣ даромада аз он ҷо дар зери палтои худ бо роҳи пинҳони 2 адад пойафзоли мардонаро баровард.

**Савол:**

Шодиев кирдори ба ҷамъият хавфнокро содир намуд ё не?

**Вазифаи №6**

Додарбеков бо зани худ ҷанҷол намуда, нияти қасд кардан ба занашро кард. Бо ҳамин мақсад Додарбеков он кӯзае, ки ба занаш аз падаркалони ӯ мерос монда буд ва бо он фахр мекард, зада шикаст.

**Савол:**

1. Ба моддаи 255 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шавед.

2. Дар кирдори Додарбеков аломатҳои тарафи объективии ин ҷиноят ҷой дошт?

**Вазифаи №7**

Устои барқ Қурбонов ҳангоми пайвасти сими кандашуда аз симчӯб, ки дар замин овезон шуда буд, қоидаи бехатариро оид ба безарар кардани симчӯбу сим вайрон намуд. Дар натиҷа, писарбачае, ки бо велосипеди худ аз назди симчӯб мегузашт, пояш ба сими дар замин овезонбуда расида аз таъсири қувваи барқ ҳалок гардид.

**Савол:**

1. Қурбонов кадом кирдори ба ҷамъият хавфнокро содир намуд?

2. Вафоти кӯдак оқибати кори Қурбонов ҳисоб мешавад ё не?

**Вазифаи №8**

Ворисова ба падари худ муомила ва муносибати берахмона мекард, яъне ба ӯ хурок намедод ё ин ки таҳқир намуда баъзе вақт аз хона меронд ва ҳамеша нисбати падараш таъкид мекард, ки ӯ барои дуруст зиндагӣ кардани ӯ ҳамеша халал мерасонад. Рӯзе Ворисова аз кор ба хона баргашта, падарашро мурда мебинад, ки худро ба дор кашидааст.

**Савол:**

Тарафи объективии кадом ҷиноят дар рафтори Ворисова вуҷуд дорад?

**Вазифаи №9**

Бегоҳирӯзӣ дар боғи истироҳатӣ Бердиев бо мақсади таҷовуз ба роҳгузар Павлова ҳамла намуд. Ҳангоме, ки дасти Павловаро Бердиев дошт, шоҳиди он гашт, ки Павлова оҳиста ба замин афтод. Павлова дар ин маврид мурда буд. Экспертизаи суди – тиббӣ муқарар намуд, ки ҷабрдида мубталои касалии дил буда маҳз ҳангоми тарс дили Павлова аз кор монд ва боиси фавти ӯ гарид.

**Савол:**

1. Оё робитаи сабабӣ байни ҳамлаи Бердиев ва марги Павлова ҷой дорад?

2. Тарафи объективии кадом ҷиноят дар кирдори Бердиев ҷой дорад?

**Вазифаи №10**

Духтури навбатдорӣ беморхонаи ноҳиявиро, ки аз деҳа дар масофаи 10 келометр дур буд, барои ёрии таъҷилӣ ба зани ҳомиладор Исматова, ки дучори гирифтори дарди тавлиди кӯдак буд, оҷилан даъват намуданд. Ҳангоми бо мошини ёрии таъҷилӣ омадани духтури навбатдор дар масофаи 2 келометр, автомобил вайрон шуд, ки дар натиҷа 8 келометр роҳи дигарро духтур пиёда тай намуда ба деҳае, ки дар он ҷо Исматова истиқомат менамуд, ворид шуд. Аммо, ҳангоми таваллуд Исматова вафот карда, вале кӯдак зинда монд. Мувофиқи хулосаи суди – тиббӣ, агар аз тарафи духтур сари вақт ёрии таъҷилӣ расонда мешуд, мумкин буд, ки Исматова зинда мемонд.

**Савол:**

1. Қувваи муқовиматнопазир чист?

2. Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят дар зери таъсири қувваи муқовиматнопазир чӣ тавр ҳал карда мешавад?

**Вазифаи №11**

Байни Баротов ва Низомов муносибатҳои хусуматӣ ба миён омад ва Баратов қасди куштани Низомовро кард. Бо ҳамин мақсад, бо роҳи фиреб Баротов Низомовро назди гузаргоҳи роҳи оҳан бурда ҳангоми омадани қатора ба таги қатора тела дод, ки дар натиҷа Низомов вафот намуд. Аз рӯи хулосаҳои экспетӣ ҳангоми кушодани ҷасади мурда, маълум гашт, ки Низомов аз зер кардани қатора не, балки аз ҷароҳатҳои қисми сар,

ки ҳангоми тела додани Баротов аз релсҳои роҳи оҳан бардошта буд, вафот кардааст.

**Савол:**

Робитаи сабабӣ байни кирдори Баротов ва марги Низомов дар ин ҳолат ҷой дорад?

**Вазифаи №12**

Коменданти хобгоҳ Турдиев бехатарии кормандонро таъмин накарда ба гурӯҳи донишҷӯён фармуд, ки болои боми хобгоҳро рангу бор намоянд. Ҳангоми рангу бор яке аз донишҷӯён аз болои бом афтида зарари вазнини ҷисмони гирифт.

**Савол:**

Хусусияти робитаи сабабиро нишон диҳед. Барои кирдори Турдиев ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №13**

Ҳангоми ногаҳон аз ҷониби ронандаи автобус тормоз кардан, донишҷӯ Ғоибов, ки дар даст сумка ва чатр дошту даруни автобус қарор дошт, аз пой ғалтид. Дар ҳамин муддат чатре, ки ӯ дар даст дошт, ба чашми шаҳрванд Раҳмонов бархурда ба ӯ зарари ҷисмонӣ расонида шуд.

**Савол:**

1. Ғоибов кирдори ба ҷамъият хавфнокро содир намуд?

2. Кадом аломатҳо кирдори ба чамъият хавфнокиашро тавсиф медиҳанд?

# МАВЗӮИ 7. ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят. Дастури таълимӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2013.
4. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
5. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Furthermore Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
6. Якушин В.А. Ошибка: уголовно – прававое значение. Казань, 1988.
7. Рарог А.И. Проблемы субъективной стороны преступления. Москва, 1991.
8. Рарог А.И. Вина в советском уголовном праве. Саратов, 1987.
9. Нерсесянс В.А. Неосторожные преступления. (Уголовная ответственность и наказание).
10. Уголовное право. Общая часть./Под ред. В.Н. Кудряцева и А.В.Наумова. _М., 1996.
11. Уголовное право. Общая и Особенная часть./ Под. ред. прф. М.П. Жупавлева и к.ю.н. С.И. Никулина Москва, 2004.

**Вазифаи №1**

Содиқова дар ҷашни соли навӣ ниқоби аждоҳорро дар сар пӯшида ҷиҳати тарс бо нияти шӯхӣ аз назди Умаров ногаҳон садо дода баромад. Умаров аз шӯхии ногаҳонӣ тарсида инфаркт (касалии дил) шуда, ин ҳолат боиси фавти ӯ гардид. Содиқова намедонист, ки Умаров мубталои касалии дил мебошад.

**Савол:**

1. Тарафи субъективии ҷинояти содиршударо нишон диҳед?

2. Муайян намоед, ки дар кирдори Содиқова гуноҳ ва шаклҳои он ҷой дорад?

**Вазифаи №2**

Акрамов дар нақлиёти ҷамъиятӣ аз ҷомадони Иванова ҳамёнро дуздида мехост пинҳон шавад, аммо дастгир карда шуд. Дар ҳамён ба ғайр аз телеграмма чизӣ дигар набуд.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои Акрамов хатогӣ ҷой дорад?

**Вазифаи №3**

Катаев дар беморхона аз назорати касалиҳои БПНМ (СПИД) гузашта, донист, ки дучори ин беморӣ гардидааст. Ба ин нигоҳ накарда, чанд маротиба бо занҳо алоқаи ҷинсӣ намуд, аммо ягон нафари онҳо сироят нашудаанд.

**Савол:**

Катаев ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ё не?

**Вазифаи №4**

Катаев дар беморхона аз назорати касалиҳои БПНМ (СПИД) гузашта, донист, ки дучори ин беморӣ гардидааст. Барои он, ки бемории худро ба ҳамсараш

нагузаронад бо ӯ ба воситаи рифола алоқаи ҷинсӣ менамуд. Мутаассифона, ҳамсараш дучори чунин касалӣ гардид.

**Савол:**

Катаев ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ё не?

**Вазифаи №5**

Низомов уҳдадор карда шуд, ки анборро қаравули намояд. Бо мақсади тарсондану дур кардани чорвои чаридаистода аз анбор, Низомов дар назди дарвозаҳои анбор симҳои барқиро пайваст намуд ва дар назди он ба як картон навиштаҳотро "Эҳтиёт бошед, девор барқ дорад" кашол намуд. Шабона, Рузиев ҳангоми кофтани чорвои худ ногаҳон дасташ ба симҳои девори анбор, ки барқ дошт расида ҳалок мешавад.

**Савол:**

1. Ба марги Рузиев шаҳрванд Низомов гунаҳгор аст?

2. Агар гунаҳгор бошад, пас кадом шакли гуноҳ дар кирдори Низомов ҷой дорад?

**Вазифаи №6**

Рустамова фаҳмид, ки шавҳари ӯ бо Рузиева ба ӯ хиёнат карда истодааст. Шабона Рустамова ба назди хонаи Рузиева омада баъди оне, ки боварӣ ҳосил менамояд, ки шавҳараш дар хонаи Рузиева қарор дорад, тирезаи хонаро шикаста ба даруни хона банкаи пур аз бензин ва гугирдчубро даргиронда мепартояд. Оқибат ба саломатии шавҳараш ва Рузиева дар натиҷаи сухтор зарари вазнини ҷисмонӣ расонада мешавад. Ғайр аз он, дар натиҷаи сухтор қариб ҳамаи амволи Рузиева сӯхта хокистар мешаванд.

**Савол:**

1. Дар кирдори Рустамова кадом таркиби ҷиноят ҷой дорад?

2. Тарафи субъективии кирдоре, ки Рустамова содир намудааст таҳлил намоед?

**Вазифаи №7**

Муртазоев бо Иноятов ҷанҷол карда, ба пойи рости Иноятов бо корд мезанад. Муртазоев аз хунравии пойи ӯ тарсида баъдан пойи ӯро бо лата сахт баста то хона рафтан кӯмак менамояд ва бо Иноятов оштӣ шуда, хоҳиш менамояд, ки ин ҳодисаро ба ҳеҷ кас нагӯяд. Аз заҳролудшавии хун Иноятов ҳалок мешавад.

**Савол:**

Тарафи субъективии кирдори содиркардаи Муртазоевро таҳлил намоед?

**Вазифаи №8**

Назаров бо ду наберааш ва чор кудакони маҳалла барои тайёрии зимистона ба алафдаравӣ мераванд. Ҳангоми даравидани алафҳо назди соҳили дарё яке аз кӯдакон қурбоқаро дида аз пайи вай меҷаҳад ва ба дарё ғарқ мешавад. Овози додзании кӯдаконро Назаров шунида ба назди дарё омада худро барои наҷоти кӯдак ба об мепартояд, аммо кӯдакро наҷот дода наметавонад ва кӯдакҳалок мегардад.

**Савол:**

Оиди чунин ҳодиса гуноҳи Назаров ҷой дорад?

**Вазифаи №9**

Духтури муолиҷавӣ ҳангоми ба ҳуҷраи бемор Иванова даромадан мебинад, ки ассистенти ӯ бе таъни духтур сӯзандору гузаронида истодааст. Олимов ба ғазаб омада, ассистенташро мехоҳад танбеҳ диҳад, аммо дар ин ҳолат ассистент Қобилова ба суханони Олимов гӯш

надода бо таъкид сухан кард, ки ӯ ҳам ақлу дониш дорад ва Олимовро тела медиҳад. Дар натиҷа Олимов ба замин афтода сараш ба трубаи шифти ҳуҷраи бемори мезанад ва аз зарбаи он дар ҷояш вафот мекунад.

**Савол:**

Тарафи субъективии кирдори содиршударо таҳлил намоед?

**Вазифаи №10**

Комилов, ки дар хобгоҳ истиқомат мекард, дар ҳолати мастӣ омада, ҳаракатҳои авбошона содир менамояд. Дар ин ҳолат коменданти хобгоҳ ба ШВКД занг зада чунин ҳодисаро хабардор мекунад, ки Комилов аз ин хабардор шуда ба утоқи худ меравад. Яке аз ҳамсояҳои Комилов дарро занг зада мехоҳад аз аҳволи ӯ бохабар шавад. Комилов бо гумони он, ки дарро милитсия занг зада истодааст, мавриди дарро кушодан ба сари хамсояаш бо табар мезанад. Оқибат ҳамсояаш аз зарари вазнини ҷисмонӣ гирифтааш дар беморохона вафот мекунад.

**Савол:**

Хатогии роҳдодаи Комилов ва аҳамияти онро барои банду басти кирдори содиршуда муайян намоед?

## МАВЗӮИ 8. СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.
3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба таҷрибаи суди барои дида баромадани парвандаҳо оид ба ноболиғон”. №6 аз 12 декабри соли 2002.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят. Дастури таълимӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2013.
4. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
5. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
6. Антонян Ю.М. Бородин С.В. Преступность и психические анотомии. М., 1987.
7. Лазерев А.А. Субъект преступления. М., 1988.
8. Претченко Б.А. Невменяемость и правовые последствия. Москва., 1991.
9. Устименько В.В. Специальный субъект. Харьков, 1989.
10. Павлов В.Г. Субъект преступления. М., 1999.

11. Трехтерев В.С. Вменяемость и внемяняемость. Москва, 1999.

**Вазифаи №1**

Асламов 15 сола, Эргашов ва Петров 16 сола ҳастанд. Онҳо якҷо корди дудамаро дарёфт намуда нисбати шаҳрвандон якчанд кирдорҳои роҳзанона содир намуданд.

**Савол:**

1. Мумкин аст онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳзани кашида шаванд?

2. Аз кадом сину сол ҷавобгарии ҷиноятӣ муқарар карда шудааст?

**Вазифаи №2**

Собирови 16 сола ҳангоми ҷанҷол бо ҳамсояи худ, шаҳрванд Иброҳимов бо корд зада ӯро кушт. Экспертиза муайян намуд, ки Собиров дучори мубталои бемории рӯҳи (заъфи ақл) мебошад.

**Савол:**

1. Касалии рӯҳӣ (заъфи ақл) барои эътироф намудани шахс ҳамчун номукалаф ҳисобида мешавад?

2. Собиров ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад?

**Вазифаи №3**

Сардори ШВКД Рашидов аз падари Иванов, ки барои содир кардани авбошӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда буд, бо мақсади аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани ӯ маблағи пулиро ба микдори 20000 сомонӣ талаб карда гирифт.

**Савол:**

Оё сардори ШВКД Рашидов ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят ҳисоб мешавад?

**Вазифаи №4**

Гулов, аз хиёнати зани худ гумонбар шуда, ӯро аз рӯи рашк ба қатл мерасонад. Экспертизаи судӣ – психиатрӣ маълум сохт, ки ҳангоми куштани оилаи худ, Гулов дар ҳолати мукаллафӣ қарор дошта, аммо ҳангоми дида баромадани парвандаи ҷиноятӣ дар суд дучори касалии рӯҳӣ гардид, ки ба кирдорҳои худ ҷавоб дода натавониста онҳоро саришта карда наметавонист.

**Савол:**

1. Гулов ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад?
2. Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии Гулов дар ин ҳолат чи тавр ҳал карда мешавад?

**Вазифаи №5**

Лолаев ҳаракатҳои бадахлоқонаро нисбати кӯдаки хурдсол Валиева анҷом дод. Ҳангоми тафтишоти пешакӣ маълум гардид, ки Лолаев дучори касалии вазнини рӯҳӣ – шизофрения буда, дар рӯйхати назорати шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ меистад.

**Савол:**

Чунин ҳолат барои эътирофи номукаллафии Лолаев кифоя аст?

**Вазифаи №6**

Муҳарири газетаи ноҳиявӣ – Мирзоев, ки аз ҷониби редаксия барои суҳбат оид ба фаъолияти мақомоти иҷроия иҷозат дошта буд, як қатор камбудиҳои раиси мақомоти иҷрояро ошкор намуд. Барои паҳн накардани чунин маълумот дар газета, Мирзоев аз раиси мақомоти иҷроя 10000 сомонӣ пора гирифт.

**Савол:**

1. Мумкин аст, ки Мирзоевро ҳамчун субъекти ҷинояти дар моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқараршуда эътироф намуд?

2. Бо эзоҳи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шавед.

**Вазифаи №7**

Холов, ки бо хатсайри Душанбе – Москва парвоз мекард, дар буфети аэропорт 200 грамм нӯшокиии спиртӣ (арақ) нушида дар натиҷа як қатор ҳаракатҳои авбошонаро содир намуд. Аз хулосаи экспертиза маълум шуд, ки Холов чунин ҳаракатҳоро дар зери мастии паталогӣ содир намудааст.

**Савол:**

Мастии паталогӣ ҳамчун асоси номукаллафӣ эътироф намудани шахс ҳисоб мешавад ё не?

# МАВЗӮИ 9. ДАВРАҲОИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанде: Графика, 2019.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
5. Кузнецова Н.Ф. Ответственность за приготовления и покушения на приступления. М., 1958.
6. Панько К.А. Добровольный отказ от преступления. Ворониж., 1958.
7. Караулов В.Ф. Стадии совершения преступления. М., 1985.
8. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе: Глобус, 2006.
9. Уголовное право. Общая часть. Масква, 2008.


**Вазифаи №1**

Қосимов ва Фармонов бо маслиҳати пешакӣ шабона бо мақсади тасарруфи мағозаи хурокворӣ, мехостанд қулфи дарро шикаста вориди мағоза гарданд.

Ҳангоми қулфшиканӣ онҳо аз 3 нафар марде, ки ба сӯи онҳо омада истода буданд, тарсида гурехтанд.

**Савол:**

Дар кадом давра ҷинояти саркардаи Қосимов ва Фармонов канда шуд?

**Вазифаи №2**

Исроилов аз заводи арматурабарорӣ фикри дуздидани арматурaро карда, барои амалӣ гардонидани нақшаи худ аз дорухона доруи хоб харида ба пиёлаи чойи қаравули завод андохта онро бо фиреб нушонид. Баъд аз бурдани хоби қаравул, аз дохили завод 5 тонна арматураро бароварда онро бо нархи арзон фурӯхт.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Исроилов баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ диҳед?

**Вазифаи №3**

Ба Шокиров маълум гардид, ки дар сейфи мағозаи назди хонааш қарордошта 20000 сомонӣ аст ва фикри аз худ кардани онро намуд. Шабона Шокиров ба мағоза ворид шуда бо ёрии воситатаҳои тайёрнамудааш сейфро кушод, ки дар он ҷо хамагӣ 20 сомонӣ буду халос. Пулро гирифта Шокиров ғайб зад.

**Савол:**

Ҷинояти содиркардаи Шокиров хотимаёфта ҳисоб мешавад ё не?

**Вазифаи №4**

Бобоева аз рӯи рашк бо фикри куштани Холиқова силоҳи худсоз тайёр намуд. Баъдан ин силоҳи худсозро дар зери куртааш пинҳон намуда сӯи хонаи Холиқова равон шуд, аммо дар роҳ аз тарафи кормандони милитсия дастгир шуд.

**Савол:**

1. Ҳаракатҳои Бобоева дар кадом давра боз дошта шуд?

2. Дар кирдори Бобоева аломатҳои таркиби ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №5**

Қодиров бо Лена ном духтари зебо дар яке аз тарабхонаҳои шаҳр шинос шуда, баъди хуроки бегоҳирӯзӣ ӯро ба хонаи худ даъват намуд. Ҳангоми ба хонаи худ овардан аз тарафи Қодиров машғул шудан ба алоқаи ҷинсӣ таклиф карда шуд, ки Лена чунин таклифро рад намуд. Баъд аз ҷавоби радди Лена, Қодиров хост, ки ӯро бо зӯроварӣ таҷовуз намояд. Баъдан, Лена иқрор шуд, ки ӯ ба касалии зуҳравии БПНМ (СПИД) мубтало аст. Дар натиҷа Қодиров аз фикраш даст кашид.

**Савол:**

Оё гуфтан мумкин аст, дар кирдори Қодиров ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №6**

Тиллоев аз руи рашк қасди куштани Иброҳимоваро кард ва бо корд ба сӯи хонаи ӯ равон шуд. Ҳангоми ба хона даромадан ва зер кардани гулӯи Иброҳимова, ки мехост ӯро корд занад, якбора чашмаш ба гиряи тифли Иброҳимова афтода, дар дилаш раҳм пайдо шуд ва кордро партофта аз хона баромада рафт, ки дар натиҷа Иброҳимова зинда монд.

**Савол:**

Дар кирдори Тиллов аломатҳои ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №7**

Хошоков аз рӯи рашк мехост ҷавони хушкардаи Шириноваро кушад. Бо ҳамин мақсад Хошоков ба та-

рафи ҷавони хушкардаи Ширинова 2-3 маротиба аз силоҳи оташфишон тир холӣ намуд, ки ягонтаи ин тирҳо ба вай нарасиданд ва ҷавон аз сабаби гурехтанаш зинда монд.

**Савол:**

1. Ҳаракатҳои содиркардаи Хошоков дар кадом давраи содиркунии ҷиноят қарор доранд?

2. Хошоков ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад?

# МАВЗӮИ 10. ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТ


**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. оид ба таҷрибаи суд оид ба ҷиноятҳои noболиғон “№6 аз 12 декабри соли 2002”.

4. Қарори Пленуми Суди Олии СССР аз 31 июли соли 1962, №11 “Оид ба тартиби суди нисбати парвандаҳо оид ба пинҳонкунии ҷиноятӣ пешаки.

5. Қарори Пленуми Суди Олии СССР аз 25 марти соли 1964, №2 “Оид ба парвандаҳои марбут ба таҷовуз ба номус”.

6. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тартиби суди вобаста ба парвандаҳои ҷиноятҳое, ки бо маводӣ нашъадор, модаҳои психотропи ва прекусорҳо алоқаманданд”. №5 аз 12.12.2002.

7. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба парвандаҳои бандитизм”. №3 аз 26.06.1997.

8. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ”. аз 25.06.2004. №3.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Бурчак Ф.Г. Соучастие: социальные, криминалогические и прововые проблемы. Киев, 1992.

6. Козлов А.П. Виды и формы саучастия. Красноярск, 1992.

7. Уголовное право. Общая часть / Под редакцией прф. Петрашева В.Н. Москва, 1999.

8. Наумов А.В. Курс уголовного право РФ. Общая часть. Москва, 2007.

**Вазифаи №1**

Чархов, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, Ивановаро ба хонаи худ овард, ки дар он ҷо рафиқони ӯ Қайсов ва Юсуров буданд. Чархов мехост бо Иванова алоқаи ҷинсӣ кунад, аммо Иванова хоҳиши ӯро рад намуд. Дар ҳамин ҳолат Қайсов ва Юсуров дасту пои Ивановаро сахт доштанд, ки Чархов аз ин ҳолат истифода бурда ба номуси Иванова таҷовуз намуд.

**Савол:**

Шакл ва намуди шарикони ҷиноятро дар ин ҳолат муайян намоед?

**Вазифаи №**2

Шавсов, Сакаров, Боздидов ва Ҷақолов бо роҳи шикастани қулфи дари мағоза вориди мағозаи қисмҳои эҳтиётии автомобил гашта аз дохили он ба миқдори 40 адад чархи мошин, 20 адад акамулятор дуздӣ намуданд. Ашёҳои дуздидаро ба мошини худашон баровварда дар ҷангал пинҳон намуданд ва рафиқашон Бабоевро хабардор намуданд. Баъди як рӯз бо ёрии Бабоев он ҷо

чизҳои дуздидаашонро ба хонаи ӯ оварда дар анбори хонаи ӯ пинҳон намуданд, ки баъди 3 – рӯзи дуздӣ аз ҷониби кромандони милитсия дарёфт карда шуданд.

**Савол:**

Масъалаи ҷавобгарии Бабоев чӣ тавр ҳал карда мешавад?

**Вазифаи №3**

Пардоев бо Муҳаллатов ҷанҷол карда ӯро таҳқир намуд, ки дар ин маврид Муҳаллатов ӯро лату кӯб намуд. Дар ҳамин лаҳза Исорев ба назди Пардоев омада гуфт, ки рав ӯро зан, ту аз вай чӣ камӣ дорӣ ва аз пайи кори худ рафт.

Пардоев ин суханҳоро шунида аз замин оҳанеро гирифт ва аз паси сари Муҳаллатов зарба зада ба ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонид, ки баъди ду рӯз Муҳаллатов вафот кард.

**Савол:**

Исоев ҳамчун шарик дар ҷинояти содиркардаи Муҳаллатов эътироф мешавад?

**Вазифаи №4**

Шоибракова аз рӯзи оиладор шудани писари худ аз хуш кардаи зани аз ҷониби писараш гирифта норозигӣ баён карда дар давоми якчанд моҳҳо писарашро ба муқобили занаш равона мекард. Оқибат, муносибати навхонадорон тезу тунд гашта, кор ба ҷудошавӣ расид. Писари Шоибракова аз тақсими молу мулк ҳангоми ҷудошавӣ тарсида, оилаи худро ба қатл расонд.

**Савол:**

Оё Шоибраковаро дар содир кардани ҷинояти фарзандаш ҳамчун таҳриркунанда ё ташкилкунанда ҳисобидан мумкин аст ё не?

**Вазифаи №5**

Буров, Вилидев ва Диллиев аз хонаи шаҳрванд Исонов ҳангоми набудани ӯ 1 адад телевизор, 1 адад видеомагнитафон ва 3 қолинро тасарруф намуда дар роҳ таксиро нигоҳ дошта хоҳиш намуданд, ки онҳоро то манзили даркорӣ барад. Баъди чанд рӯз онҳо дастгир шуда, ҳамроҳи ронандаи таксӣ, ки предметҳои дуздидашударо ба манзил бурда буд, ба ШВКД даъват карданд.

**Савол:**

Нақши таксистро муайян намоед?

**Вазифаи №6**

Беқиев, ки аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ озод шуда буд, дар ягон ҷой кор намекард, ҳаёти ғайриинсониро пеш мебурд. Ҳангоми бо ноболиғ Лилиев шинос шудани Беқиев фикре ба сараш омад, ки ӯро барои содири тасарруфи молу мулки хонае, ки дербоз таҳти назорати Беқиев қарор дошт, истифода намояд. Беқиев ба боварии Лилиев даромада розигии ӯро гирифт ва ҳарду ба назди ҳамин хона шабона омаданд. Дар ҳамин маврид, тавасути тирезаи хона Беқиев, ноболиғ Лилиевро ба даруни хона даровард, ки Лилиев аз он ҷо чизҳои қиматноке, ки Беқиев ба ӯ гуфта буд, ба берун бароварда ба дасти ӯ супорад. Беқиев аз чизҳои бадастомада ҳаққи Лилиевро ҷудо намуд, ки аз ин Лилиев хурсанд буд.

**Савол:**

1. Дар ин ҳолат шарикӣ дар ҷиноят ҷой дорад?
2. Масъалаи ҷавобгарии шарикӣ дар дуздӣ чӣ тавр ҳал карда мешавад?

**Вазифаи №7**

Байни зану шавҳари оилаи Саидовҳо ҳамеша ҷангу ҷанҷол аз руи майнӯшии Саидов вуҷуд дошт. Ин ҷангу ҷанҷол баъди ба хонаи онҳо омадани хушдомани Саидов яъне Рузиева боз авҷ гирифт, чунки Рузиева ҳамеша

тарафи духтарашро гирифта Саидовро таҳқир мекард. Рӯзе барои хотима додан ба ин ҷангу ҷанҷол Рузиева ба шиносаш Носиров пул дода хоҳиш намуд, ки домодашро кушад. Аз ин мақсади модари худ, духтари Рузиева бохабар буд ва ҳамон рузи таиъншуда бо модараш аз хона ба деҳа рафтанд. Носиров дар ин маврид ба хонаи Саидов омада ӯро ба қатл расонид.

**Савол:**

Намуд ва шакли шарикӣ дар ҷиноятро муайян намоед?

**Вазифаи №8**

Орипов, Шеров ва Идрисов аз рӯи маслиҳати пешакӣ нақшаи ғорат кардани мағозаро пеш гирифтанд. Аз рӯи нақша, онҳо ба мағоза даромада пулҳоро гирифтанд ва ҳангоми баромадан аз мағоза чашми Орипов ба кассирдухтари соҳибҷамоле афтод ва ӯро таҳдид намуд, ки либосҳояшро аз танааш барорад. Баъд Орипов ба номуси он кассирдухтарак таҷовуз кард, ки дар ин лаҳза Шеров ва Идрисов ӯро дар берун интизор буданд.

**Савол:**

1. Ифрот (экссеси ҷиноят) чист?
2. Дар масъалаи мазкур ифроти ҷиноят ҷой дорад?
3. Ба кирдори Орипов, Шеров ва Идрисов баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ диҳед.

# МАВЗӮИ 11. СЕРШУМОРИИ ҶИНОЯТҲО

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

3. Қарори Пленуми Суди Олии СССР аз 25 июли соли 1976 №4 “Оид ба таҷрибаи суди дар бораи мубориза бо ретсидиви ҷиноят”.

4. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оиди аз ҷониби судҳо тадбиқи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ретсидиви ҷиноят”. аз 12.12.200.№7

5. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оиди таҷрибаи таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо” аз 13 марти соли 2003 №5.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Species Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Бузынова С.П. Многочисленность преступления. М., 1988.

6. Крассиков Ю.А. Многочисленность преступления. М., 1988.

7. Мальков В.П. Тиморшин Х.А. Многочисленность преступления. Уфа, 1988.

8. Сумернева Н.К. Новоселова Г.П. Многочисленность преступлений, квалификация и назначение наказания. Свердловск, 1990.

9. Незнамова З.А. Коллизии в уголовном праве. Екатеренбург, 1994.

10. Уголовное право. Общая часть./Под.ред.проф. В.Н. Петрашева. Москва, 1999.

**Вазифаи №1**

Акбаров пештар барои дуздӣ судшуда, баъди ба озодӣ баромаданаш аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ бо шахсони дигар дар ҳуҷумҳои роҳзанона иштирок намуд.

**Савол:**

Кадом намуди сершумории ҷиноят дар ҳаракатҳои Акбаров ҷой дорад?

**Вазифаи №2**

Дарвоев дуздии молу мулки шахси дигарро содир намуд. Баъди чанд вақте аз дорухона чанд намуд доруҳоро низ дуздид.

**Савол:**

1. Дар ҳаракатҳои Дарвоев такрори ҷиноят дида мешавад ё не?

2. Чи хел бояд ҳаракатҳои Дарвоевро бандубаст кард?

**Вазифаи №3**

Сафаров, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, ба ҳуҷраи ҳамсояаш даромада духтари хурдсоли ӯро (13-сола) таҷовуз ба номус кард. Баъдтар, модари ҷабрдида омад. Сафаров ба модари ҷабрдида таҳдиди куштани ӯро карда нисбати ӯ низ таҷовуз ба номус кард.

**Савол:**

1. Дар ҳаракатҳои Сафаров такрори ҷиноят ҷой дорад?

8. Ҷинояти содиршударо чӣ тавр бандубаст кардан лозим аст?

**Вазифаи №4**

Духтури дандон Валиев бо хоҳиши шиносаш шаҳрванд Комиловаро дар хонааш исқоти ҳамл намуд. Баъди як моҳ ба ӯ дугонаи Комилова, ҳаётова муроҷиат намуда хоиш кард, ки ӯро музднок исқоти ҳамл намояд. Валиев хоҳиши ҳаётоваро иҷро намуд. Ҳарду исқоти ҳамли кардаи духтури дандон Валиев хеле хуб гузашт.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои Валиев маҷмӯи ҷиноятҳо ҷой дорад?

**Вазифаи №5**

Дузд – киссабур дар бозор ҳамеша ба киссабурӣ машғул буд. Охирон бор ӯ ҳангоми дуздидани ҳамён аз ҳамёни зане, ки 2000 сомониро дошт, аммо ба даст афтод.

**Савол:**

1. Дар инҷо маҷмӯи ҷиноятҳо ҷой дорад?

2. Ҷинояти содиршударо бояд чӣ тавр бандубаст кард?

**Вазифаи №6**

Девов пай дар пай зани худро ба воситаи лату кӯб ва дигар ҳаракатҳои зуроварона азоби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ медод.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои Девов такрори ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №7**

Муродов пештар барои дуздӣ суд шуда буд. Баъди озодшавӣ, ки ҳоло доғи судии ӯ бардошта нашуда буд, Муродов боз як дуздии дигар содир намуд, ки оқибат дастгир карда шуд.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои Муродов такрори ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №8**

Мухторов шабона бо роҳи ғоратгарӣ молу мулки шахси дигарро тасарруф намуд. Баъдтар Мухторов нигоҳ кард, ки дар ҷойи нишасти боғи истироҳатӣ марди масте хобидааст ва аз ин ҳолат истифода бурда аз дасти ӯ соат ва аз сараш шапкаашро дуздид. Дере нагузашта дастгир шуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Мухторов бояд чӣ тавр бандубаст карда шавад?

**Вазифаи №9**

Мансуров, ки автомобилро дар ҳолати мастӣ идора мекард, суръатро баланд намуда ба чароғаки сурх наистод, ки дар натиҷа занеро бо автомобил зада ба ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонид. Бо мақсади саркашӣ аз ҷавобгарӣ Мансуров мехост аз ҷойи ҳодиса ғайб занад, аммо аз тарафи кормандони БДА дастгир карда шуд.

**Савол:**

1. Мансуров чанд ҷиноят содир намуд?
2. Дар ҳаракатҳои Мансуров маҷмӯи ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №10**

Тоиров, ки пештар барои роҳзанӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардида буд, баъди адои пурраи ҷазо

боз роҳзаниро содир намуд. Ӯ бо таҳдиди куштан аз тани ҷабрдида палтои ӯро кашида гирифт.

**Савол:**

1. Дар ин ҳолат ретсидиви ҷиноят ҷой дорад?
2. Агар ҷой дошта бошад, он гоҳ кадом намуди ретсидиви ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №11**

Юсупов, ки ду маротиба барои дузди бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда буд, баъди ба озодӣ баромаданаш дар яке аз шабнишиниҳо бо Исроилов ҷанҷол карда ӯро бо корд зада ба ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонид.

**Савол:**

1. Кадом ретсидиви ҷиноят дар ҳаракатҳои Юсупов ҷой дорад?
2. Юсуповро ретсидиви ҷиноят ҳисобидан мумкин аст ё не?

**Вазифаи №12**

Усмонов, ки пештар 3 маротиба барои содири ҷиноятҳои қасдонаи вазнин ва як маротиба барои содир кардани ҷинояти начандон вазнин маҳкум шуда буд, баъди адои минбаъдаи ҷазо ӯ роҳзанӣ содир намуд, ки барои ин ҷиноят ҳам ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шуд.

**Савол:**

Кадом намуди ретсидиви ҷиноят дар ҳаракатҳои Усмонов ҷой дорад?

**Вазифаи №13**

Обидов пештар ду маротиба барои содири ҷиноятҳои қасдонаи вазнин маҳкум шуда буд. Баъди озод шу-

данаш ӯ боз як ҷиноятӣ дигари қасдонаи вазнин содир намуд.

**Савол:**

Кадом намуди ретсидиви ҷиноят дар ҳаракатҳои Обидов ҷой дорад?

# МАВЗӮИ 12. ҲОЛАТҲОЕ, КИ ҶИНОЯТ БУДАНИ КИРДОРРО ИСТИСНО МЕКУНАНД

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанде: Графика, 2019.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19.03.2013.

4. Қарори Пленуми Судии Олии СССР аз 16 августи соли 1984 №14 “Оид ба аз ҷониби судҳо татбики қонунгузорие, ки ҳуқуқ ба мудофиаи заруриаз таҷовӯзҳои ҷинояткорона” таъмин менамояд.

5. Бюллетени Суди Олии СССР. №5.1984.

6. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба тассаруфи ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои техники” аз 2.10.2003 №9

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Баулин Ю.В. Обстоятельства, исключаюшие преступность деяния. Харковь, 1991.

6. Козак В.Н. Вопросы теории и практики крайней необходимости. Саратов, 1981.

7. Ткаченко В.И. Необходимая оборона//Законность. 1995. №1.

8. Ткаченко В.И. Обоснованный риск//Ваше право. 1995. №35.

9. Ткаченко В.И. Необходимая оборона//Законность. 1997. №3.

10. Уголовное право. Общая часть./Под.ред.проф. А.В. Бриллиантова. Москва, 2008.

**Вазифаи №1**

Ноболиғ Рашидов ба Болтаев ногаҳон дар вақти бо ҳамдигар баҳс намудан ҳамла карда ӯро бо тахтачӯбе, ки дар даст дошт, пай дар ҳам задан гирифт.

Дар ҳамин маврид, Болтаев худро аз зарбаҳои пай дар пайи Рашидов ҳимоя карда истода бо мушт 2 – 3 маротиба ба рӯйи Рашидов зад. Дар натиҷа ҷоғи Рашидов шикаста ба ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонда шуд.

**Савол:** Дар кирдори Болтаев мудофиаи зарурӣ ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №2**

Дар кӯча ба Сабуров як гурӯҳи авбошон ҳамла карданд. Сабуров имконияти гурехтанро дошт, аммо ба онҳо истодагарӣ намуда ба яке аз ҳуҷумкунандагон зарари миёнаи ҷисмонӣ ба саломатӣ расонид. Бо ҳамин, Сабуров аз таҷовуз халос гардид.

**Савол:**

Сабуров дар ҳолати мудофиаи зарурӣ амал кардааст ё не?

**Вазифаи №3**

Темуров, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, ба дохили нақлиёти ҷамъиятӣ даромада дар он ҷо ҳаракатҳои

майдаавбоширо содир карда, сурудҳои бешармиро замзама мекард. Ба таъкиди атрофиён аҳмият намедод. Дар ҳамин лаҳза, Нодиров, ки дар ҳамин нақлиёти ҷамъиятӣ қарор дошт аз ҷояш бархеста Темуровро зад, ки оқибат ду дандони Темуров шикаст.

**Савол:**

Мудофиаи зарурӣ нисбати майдаавбошӣ раво аст?

**Вазифаи №4**

Дар тарабхона шаҳрванди хориҷӣ духтаракеро ба рақс таклиф намуд. Ӯ бошад ин таклифро рад намуд. Баъд шаҳрванди хориҷӣ ба ғазаб омада, мехост бо зӯроварӣ аз дасти ӯ кашида ҳамроҳ рақс кунанд. Ин ҳодисаро ҷавони дигаре, ки дар тарабхона ҳузур дошт, дида ба ғазаб омад ва кордро гирифта омада ба шиками шаҳрванди хориҷӣ зарба зад, ки оқибат ба ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонида шуд.

**Савол:**

Дар чунин маврид шахс метавонад манфиатҳои дигар шахсро ҳимоя намояд?

**Вазифаи №5**

Мирзоалиев дар нақлиёти ҷамъиятӣ ба кор рафта истода буд. Ногаҳон ҳис кард, ки дасти киссабуре ба киссаи ӯ даромада истодааст. Зуд дасти ӯро боз дошт. Аз сабаби он, ки худ варзишгар буд, ду панҷаи киссабурро шикаст.

**Савол:**

1. Чунин ҳимоя мумкин аст ё не?

2. Оё ин баромадан аз ҳадди мудофиаи зарури аст ё не?

**Вазифаи №6**

Дар кӯча назди нуқтаи обфурӯшӣ Турсунов бо стакан об гирифта ба сагаш нӯшонид. Муллоев, ки дар

наздикӣ буд, ба Турсунов огоҳиӣ дод. Дар ҷавоб Турсунов сагашро ба сӯи Муллоев равона кард. Муллоев бо занҷири дар даст дошта сагро зада дар баробари ин, ба Турсунов зарари молу мулкӣ расонид.

**Савол:**

Дар кирдори Муллоев мудофиаи зарури ҷой дорад?

**Вазифаи №7**

Исматов, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, ба Қурбонов ва ҳамсари вай дарафтода, баъдан бо мушт ба сӯяшон ҳамла намуд. Аз муқобилияти Қурбонов Исматови маст тарсида гурехт. Қурбонов аз пайи Исматов давида, ӯро дастгир кард ва ба замин афтонда ба саломатиаш зарари вазнини ҷисмонӣ расонид.

**Савол:**

Чӣ тавр ба ҳаракатҳои Қурбонов бояд баҳо дод?

**Вазифаи №8**

Се нафар роҳзанҳо ба хонаи подабон Руднов даромада чизҳои қимматнокро кофта истода буданд. Руднов бошад дар ҳамин лаҳза пинҳонӣ аз онҳо силоҳи шикориашро гирифта бе ягон огоҳӣ ба сӯи онҳо тир холӣ кард. Ҳамин тариқ, ӯ як нафарашро кушт, нафари дигараш зарари ҷисмонӣ бардошт ва сеюмин, ки таслим гардид, оварда ба мақомоти корҳои дохилӣ супорид.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Руднов оё тибқи қонун мебошанд ё не?

**Вазифаи №9**

Нуров, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, ба хонаи ҳамсояи худ Раҳматова омада ӯро ба алоқаи ҷинсӣ моил кард. Раҳматова онро рад намуд. Баъдан Нуров бо роҳи зӯроварӣ мехост ӯро таҷовуз намояд. Дар натиҷаи кашмакашӣ ва муқобилият, Раҳматова биннӣ ва гӯши

Нуровро газида партофт, ки шакли зоҳирии ӯро бад намуд.

**Савол:**

Оё эътироф намудан мумкин аст, ки Раҳматова мудофиаи зарурӣ намудааст?

**Вазифаи №10**

Боймуродов, ки аз шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ гурехт, ҳамроҳаш корд дошт. Ӯ бо корди дар даст дошта ба дохили синфхонаи мактаб даромада аз як тараф мактаббачаҳоро бо корд задан гирифта ба онҳо зарарҳои гуногуни ҷисмони расонид. Ин ҳолатро муаллим Улмасов дида ба сари Боймуродов бо курсӣ зарба зад, ки дар натиҷа Боймуродов аз зарбаи сахте, ки ба сар гирифт, вафот намуд.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои муаллим Улмасов ҳолати истиснокунандаи ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №11**

Зоиров дар бозор мехост аз киссаи Сафаров пул дуздӣ кунад, аммо Сафаров ӯро дастгир карда лату кӯб намуд. Ба лату кӯби Сафаров дигар шаҳрвандон низ шарик шуда ба Зоиров зарари вазнини ҷисмонӣ расониданд.

**Савол:**

Дар инҷо ҳолати истиснокунандаи ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №12**

Гурӯҳи маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар калонияи ислоҳӣ адо мекарданд, якҷо бо маслиҳати пешакӣ аз он ҷо гурехтанд. Сарбозон ва кормандони калонияи ислоҳӣ бо тезӣ чунин ҳолатро ошкор намуда аз пайи маҳкумшудагоне, ки гурехтанд, равон шуданд. Маҳкумшу-

дагон тарафи ҷангал гурехтанд. Баъдан аз тарафи сарбозон огоҳонида шуданд, ки онҷо ба хубӣ таслим гарданд ва агар таслим нашаванд, пас ба сӯи онҳо тир холӣ карда мешавад, аммо маҳкумшудагон ба огоҳӣ аҳмият надода боз ҳам тезтар медавиданд, ки дар натиҷа ба сӯи онҳо тир холӣ карда шуд. Аз тири холикардаи сарбозон як нафар ҳалок ва ба як нафар маҳкумшуда зарари ҷисмонӣ расонида шуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои сарбозон баҳои ҳуқуқи диҳед?

**Вазифаи №13**

Наврасе аз бозор як адад пойафзоли варзиширо гирифта мехост гурезад, аммо аз ҷониби фурӯшандаҳои бозор дастгир шуда ба ӯ зарари миёнаи ҷисмонӣ расонда шуд. Сипас, ӯро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супориданд.

**Савол:**

Ҳангоми расонидани зарари миёна ба саломатии наврас мумкин аст, ҳисобем, ки фурӯшандагон дар ҳолати дастгир кардани шахси ҷинояткор амал намуданд?

**Вазифаи №14**

Гадоев, Шеров ва Дубовкин бегоҳирӯзӣ дар кӯча зану шавҳарро мебинанд, ки ҳамроҳ интизори касе буданд. Гадоев бо баҳонаи сигоркашӣ ба назди онҳо омада ба гулӯи шавҳараш корд монда аз зани ӯ талаб мекунад, ки чизҳои тилловориашро ба онҳо супоранд. Ҳангоми гирифтани тилловориҳо онҳо шавҳари занро лату кӯб намуда роҳи гурезро меҷӯянд. Дар ҳамин лаҳза мард аз ҷояш бархеста ба сӯи гурезагон аз силоҳи оташфишон тир холи мекунад, ки як нафарашон дар ҷояш вафот мекунад, ду нафар Шеров ва Гадоев бошад ғайб мезананд. Маълум мешавад, ки шавҳари зан яъне Назаров корманди ШВКД будааст.

**Савол:**

Оё дар ҳаракатҳои Назаров расонидани зарар ҳангоми дастгири шахси ҷиноят содиркарда ҷой дорад?

**Вазифаи №15**

Оилаи шаҳрванд Робиевро дарди таваллуди кӯдак фаро гирифт. Бояд ӯро ҳатман ба беморхона бурд. Ҳангоми ҷустуҷӯ, Робиев ягон таксӣ наёфта, худсарона автомобиле, ки дар назди хонаи ҳамсояаш истода буд идора карда оилаашро ба беморхона бурд, ки дар натиҷа кӯдаки солим ба дунё омад.

**Савол:**

Маълум намоед, ки Робиев чӣ тавр амал кадааст?

**Вазифаи №16**

Дар кӯча бегоҳирӯзӣ ду нафар бо зӯроварӣ шаҳрванд Шералиевро дошта ба таги тирезаи яке аз мағозаҳои қарордошта бурда, киссашро кофтан гирифтанд. Шералиев, ки дар хусуси доштани сигнализатсияи мағоза бохабар буд, бо пояш шишаи тирезаро шикаст ва сигнализатсия ба кор даромад. Ҳамин лаҳза кормандони милитсия ҳозир шуда, роҳзанҳоро дастгир намуданд.

**Савол:**

Шералиев дар ҳолати зарурати ниҳоӣ амал кардааст ё не?

**Вазифаи №17**

Наврасон футболбозӣ карда истода, тӯби онҳо ҳангоми зарба задан аз дохили майдон берун рафт. Яке аз наврасон Лоиқов аз паси тӯб ба берун давида баромад. Дар ин лаҳза, ронандаи автомобиле, ки дар роҳ рафта истода буд, ба сӯяш давидани наврасро дида барои он, ки ӯро бо мошин назанад чамбараки мошинашро ба дигар тараф гардонид. Дар дар натиҷа, автомобиле, ки рӯ ба рӯяш омада истода буд, ба автомошинаи Назаров

бархӯрд, ки ронандаи он ҳалок гардид ва ду нафар мусофирони дохили автомобил зарари ҷисмонӣ бардоштанд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои ронанда баҳо диҳед.

**Вазифаи №18**

Комилов ва Саидов бо истифодаи зӯроварӣ кассири муассиса Боқиевро дастгир карда, ӯро ба муассиса оварданд ва бо роҳи лату кӯб маҷбур намуданд, ки рақамҳои коди сейфро гирифта сейфро кушояд. Дар натиҷаи лату кӯб ва маҷбур кардан, Боқиев сейфро кушод, ки дар натиҷа Комилов ва Саидов аз онҷо маблағро гирифта ғайб заданд.

**Савол:**

Чӣ тавр бояд ба ҳаракатҳои Боқиев баҳо дода шавад?

**Вазифаи №19**

Се нафар авбошон аз рӯи маслиҳати пешакӣ ва нақшаи тасдиқшудаашон, пешакӣ ба автомобиле, ки пулҳоро барои маош ба дохили завод меоварад, ҳолати норасоии техникиро ташкил намуданд, ки дар роҳ автомобил вайрон шуда боз монд. Аз ин ҳолати бавуқӯъомада, ин се нафар суистифода намуда, ба ронанда таҳдид намуда, пул, калиди автомобил ва силоҳи муҳофизро гирифта, аз ҷойи ҳодиса ғайб заданд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои муҳофиз баҳо диҳед?

**Вазифаи №20**

Ду нафар роҳзанҳо шабона бо мақсади тасарруфи анбори мағозаи хӯрокворӣ ба назди анбор наздик омада, бо тезӣ ба сари қаравули анбор халтаро пӯшонда,

дасту пойҳояшро бо банд бастанд. Баъд, кулфро шикаста ашёҳои дар анбор бударо тасарруф намуданд.

**Савол:**

Оқибати ҳуқуқии кирдори содиршударо муайян намоед?

**Вазифаи №21**

Замонов бо сардори яке аз ташкилотҳои давлатӣ Ибоҳимова муносибати шаҳватона доштанд ва аз ин муовини Ибоҳимова, яъне Роибов бохабар буд. Яке аз рӯзҳо Роибов барои имзо се-чор ҳуҷҷатҳои ғайрирасмиро ба назди Ибоҳимова дароварда таҳдид намуд, ки агар имзо накунад, пас муносибати ӯро бо Замонов ба шавҳараш нақл мекунад. Ибоҳимова ҳароси ифшои сирри мазкур, ба ҳуҷҷатҳо имзо гузошт.

**Савол:**

Дар ин ҳолат маҷбуркунии рӯҳӣ ҷой дошт ё не?

**Вазифаи №22**

Герасимова бо пули аҳли коллектив ба мағозаи заргарӣ рафта барои корманди худ Имомбоев, ки зодрӯз дошт туҳфа харид кард. Вақте, ки Герасимова аз мағоза баромад, Юрчиев аз паси ӯ шуда дар ҷои хилват ӯро дастгир намуд ва бо корд таҳдид намуд, ки тухфаро ба ӯ диҳад.

**Савол:**

1. Таҷовӯз чи гунна буд?
2. Он барои Герасимова ягон аҳмияте дошт?

**Вазифаи №23**

Ронанда Валиев аз ноҳия ба деҳа 5 тонна қум мебурд. Барои кӯтоҳ кардани роҳ, роҳи миёнабурро тай карда ба назди кӯпруки болои дарё омада кӯпрукро аз назар гузаронид ва дилпур шуд, ки он вазни мошинашро мебардорад. Ҳангоми аз болои кӯпрук гузаштан му-

тассифона кӯпрук вазни мошинро бардошта натавониста шикаст ва мошини боркаш ҳамроҳи 5 тонна қум ба даруни об ғарк шуд.

**Савол:**

Дар кирдори Валиев таваккал асоснок буд?

**Вазифаи №24**

Дар фермаи яке аз ҷамоатҳо дар сармои зимистон комбайн бо ҳамроҳи аробааш зери об рафт. Дар ин маврид, ронандаи комбайн Нозимов тракторро оварда як тарафи бандро гирифта ба даруни оби хунук даромад, то ки комбайнро ёфта, бо банд кашида аз дохили об барорад. Ин ба Нозимов муяссар гардид ва комбайнро аз даруни об баровdefinitionsаранд.

**Савол:**

Таваккали Низомов асоснок буд ва оё қонунгузории ҷиноятӣ чунин мавридро дар назар дорад?

**Вазифаи №25**

Умаров ҳамчун гумонбар ба одамкӯшӣ аз тарафи кормандони милитсия дастгир карда шуд. Аз сабаби он, ки ӯ худро дар содири куштор гуннаҳгор ҳисоб намекард, сардори ШВКД ба тобеъони худ фармон дод, ки ӯро нағзакак лату кӯб намоянд. Фармон иҷро шуд.

**Савол:**

Оқибати ҳуқуқии чунин фармон ва иҷрои он чи гунна аст?

**Вазифаи №26**

Қумандони полк, майор Юсупов ду нафар сарбозонро хоҳиш намуд, ки рӯзи якшанбе ба хонаи ӯ омада заминро побел намоянду ба он ягон хел гулу сабзавот коранд. Бар ивази корашон майор Юсупов ваъда дод, ки ҳар кадоми онҳоро ба муҳлати 2 рӯз ба хонаҳояшон ҷавоб медиҳад. Сарбозон розӣ шуданд.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои майор Юсупов тавсифи додани фармон ё амр вуҷуд дорад?

**Вазифаи №27**

Вакили халқ Исоқов ҳангоми аз хона ба кор баргаштанаш бо автомобили хизматӣ ба ронанда фармон дод, ки суръатро каме баланд кунад, то ин ки ба ҷойи кор дар вақти муайян ҳозир гардад. Оқибат автомобил аз роҳ ба роҳи роҳгузар баромада, як пиразанеро зада ба ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонид.

**Савол:**

Оё гуфтан мумкин аст, ки ронанда дар зери фармон амал намуд ё не?

**Вазифаи №28**

Мураббии дастаи футбол аз капитани даста Шодиев талаб намуд, ки дар бозии навбатӣ бо дастаи рақиб ба дарвозаи худ тубро сар диҳанд. Бар ивази он ба ӯ 10000 сомонӣ мукофот ваъда намуд.

**Савол:**

Ба харакатҳои мураббии даста бачҳои ҳуқуқӣ диҳед?

**Вазифаи №29**

Директории колхоз Табаров аз мағоза мебелро барои хонаи худ харида бо трактор ба сӯи хонааш оварда истода буд, ки ногаҳон борон борид. Барои тар - нашудани мебел, ронандаи тракторро фармон дод, ки роҳро кӯтоҳ карда аз болои гандумхои корида гузашта равад. Фармон иҷро карда шуд, ки дар натиҷа колхоз аз гандуми зерхӯрда зарари моддӣ дид.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои директории савхоз Табаров ва ронандаи трактор баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

# МАВЗӮИ 13. МАФҲУМ ВА МАҚСАДИ ҶАЗО

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанде: Графика, 2019.
3. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
5. Шаргародский М.Д. Наказание, его цели эффективность. Москва, 1973.
6. Кузнецова Н.Ф. Цели наказания в советском уголовном праве. М., 1989.
7. Карпец И.И. Наказание: социальная, прововая и криминалогическая проблема. М., 1973.
8. Зукова В.И. Уголовное наказание и его социальная роль: Теория и практика. Москва, 2002.
9. Сатторов.Г.С. Азимов. Н.Б. Ҳуқуқи ҷингоятӣ. Қисми умумӣ. Дастури методи. Душанбе, 2009.

**Вазифаи №1**

Бо ҳукми суд Қамаров, Собиров ва Бобоев барои дуздии молу мулки шахси дигар, ки бо маслиҳати пешакӣ ва ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, инчунин барои расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд Холов мувофиқи бандҳои "б" ва "г"-и қисми 2 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шуданд. Аз рӯи ҳолатҳои кор маълум гардид, ки 20 августи соли 2006, Собиров аз Холов калиди хонаро дуздида баъдан бо маслиҳати пешакӣ бо Қамаров ғайриқонунӣ ба манзили ӯ ворид шуда аз он ҷо аудио ва видео аппаратураро тасарруф намуданд. Дар ҳамин вақт, Бобоев бошад қасдан Холовро ба ташкилоте, ки он ҷо ҷабрдида кор мекард, ба воситаи телефони даъват намуд. Бобоев ду рӯз пеш ба синни 18-солагӣ расида буд, байни ҷамъият обрӯи эътибори хосае дошт. Пештар суд нашудааст. Суд ба ҳар як шарикони ҷиноят бо 2 соли маҳрум сохтан аз озодӣ бо адои он дар колонияҳои ислоҳии низоми умумӣ ҷазо таъин намуд.

**Савол:**

1. Мафҳуми ҷазоро диҳед ва аломатхои онро номбар намоед.
2. Чораҳои ҷазо нисбати ҳар як маҳкумшуда оё асоснок аст?
3. Ҷазои ҷиноятӣ нисбати Бобоев боадолатона аст?

**Вазифаи №2**

Бо ҳукми суд Арбобови 19 сола барои дуздии молу мулки шахси дигар бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи ашхосе мувофиқи банди "б" қисми 2 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду сол маҳрум сохтан аз озодӣ ва адои онро дар калонияи ислоҳии низомаш умумӣ маҳкум карда шуд. Ӯ дар ҷиноятe гунаҳгор дониста шуд, ки бо таклифи Пардаеви 13 сола, ҳамёнро бо 500 сомонӣ аз ҷабрдида Муродова дуздид.

Нисбати Пардаев бошад, бо сабаби мавҷуд набудани таркиби ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шуд. Арбобов баръало медонист, ки Пардаев 13 сола аст, чунки бо чашмони худаш шаҳодатномаи ӯро дида буд. Ҳимоячӣ дархост намуд, то ки суд кирдори Арбобовро мувофиқи қисми 1 моддаи 244 Кодекси ҷиноятӣ бандубаст намояд ва ҷазои сабукро талаб намуд, чунки маҳкумшуда Арбобов пештар суд нашуда буд, ба гуноҳи худ иқрор шуд, аз кирдораш пушаймон аст ва ба модари маъюбаш ёрии моддӣ мерасонд.

**Савол:**

1. Оё нуқтаи назари ҳимоячӣ асоснок аст?
2. Чунин ҳукми суд ба мақсади ҷазо мувофиқ аст?

**Вазифаи №3**

Гадоев, Салимов ва Комилова бо мақсади тасарруфи молу мулки шахси дигар бо таҳдиди силоҳ, ки барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок буд, ҳамла оварданд. Гадоев ва Салимов мутобиқи банди "в" қисми 4 моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати 12 соли маҳрум сохтан аз озодӣ ва адои ҷазо дар колонияи ислоҳии низомаш пурзӯр маҳкум карда шуданд. Комилова бошад, бо ҳамон модда маҳкум шуда нисбати ӯ суд 11 соли маҳрум сохтан аз озодиро бо адои он дар колонияи ислоҳии низоми умумӣ ҷазо таъин намуд. Гадоев, Салимов ва Комилова 20 марти соли 2007 ба хонаи Тоиров, ки бо Гадоев шиносоӣ дошт, омада аз ӯ 6000 сомоние, ки Тоиров аз Гадоев қарздор буд, талаб карданд. Аммо, Тоиров рад намуд ва гуфт, ки кадом вақте, ки пул шавад баъд медиҳад. Дар ин маврид, онҳо чизҳои қиматнокро ба маблағи 7000 сомонӣ аз хонаи Тоиров гирифта мехостанд раванд, аммо Тоиров муқобилият нишон дод. Дар ҳамин радиф, Салимов кордро гирифта таъкид намуд, ки халал расонад ӯро мекушад. Дере нагузашта онҳо дастгир шуданд.

Маҳкумшудагон Гадоев ва Комилова, инчунин ҳимоячиҳои онҳо шикоят баён карданд, ки бояд масъалаи ифроти ҷинояткорро гузоранд, чунки бо корд таҳдид кардани Салимов дар нақша набуд.

**Савол:**

1. Оид ба эътирози ҳимоячиҳо қарор қабул намоед?

2. Ба фикри Шумо чораҳои ҷазои таъиншуда нисбати маҳкумшудагон чӣ гунна аст?

## МАВЗӮИ 14. СИСТЕМА ВА НАМУДҲОИ ҶАЗО

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанде: Графика, 2019.
3. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
5. Гальперин И.М. Мелникова А.Л. Дополнительные наказания. Москва, 1981.
6. Дюнов В.К. Ивотинович А.Л. Дополнительные наказания: теория и практика. Фрунзе, 1986.
7. Сундуров Ф.Р. Лишения свободы и социалбно – психологические предпосылки его эффективности. Казань, 1980.
8. Галиакбаров Р.Р. Система и виды наказания. Горький, 1986.
9. Егоров В.С. Система наказания по уголовному праву России. Москва – Воронечи, 2002.
10. Уголовное право. Общая часть. /Под.ред.проф. А.В. Бриллиантова. Москва, 2008.

**Вазифаи №1**

Нозимова аз сирри писархондқабулкунии кӯдаки Рашидов бохабар буда бе ихтиёри шахси фарзандхонқабулкунанда ва новобаста аз иродаи хоҳиши Рашидов сирри писархондиро ифшо менамояд, ки барои чунин кирдораш Нозимова ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, маҳкум мегардад. Суд ба ӯ мувофиқи қисми 1 моддаи 173 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро дар намуди ҷарима таъин мекунад.

**Савол:**

1. Ҷарима намуди ҷазо ҳисоб мешавад?
2. Кадом аломатҳо ҷазои ҷиноятиро тавсиф менамояд?

**Вазифаи №2**

Оё суд метавонад чунин намуди ҷазоро яъне "корҳои ислоҳиро" нисбати шахсоне, ки ба синни 16-солагӣ нарасидаанд ё хизматчиёни ҳарбӣ таъин намояд?

**Вазифаи №3**

Оё мумкин аст, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ таъин карда шавад?

**Вазифаи №4**

Лейтенанти қӯшунҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пирматов дар суди ҳарбӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ба ҷо овардани хизмати сарҳадӣ мувофиқи қисми 1 моддаи 378 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ду соли маҳрум кардани озоди маҳкум гардид. Дар баробари ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ, нисбати ӯ боз ҷазои иловагӣ ба монанди маҳрум кардан аз рутбаи ҳарбии "лейтенант" низ аз тарафи суди ҳарбӣ таъин карда шуд.

**Савол:**

Чунин ҳукми таъингардида ба қонун мувофиқат мекунад?

**Вазифаи №5**

Беков барои дуздии ашёҳои телевизор аз заводе, ки ӯ дар он ҷой ба ҳайси усто кор мекард, мувофиқи қисми 1 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, бо ҳукми суд ба ӯ ба муҳлати 1 солу 20 рӯз бо нигоҳ доштани 25% музди меҳнати ӯ ба фоидаи давлат ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ таъин намуд.

**Савол:**

Оё чунин ҳукми суд асоснок аст?

**Вазифаи №6**

Суд Сафарови 16 соларо дар содир намудани ғоратгарӣ мувофиқи қисми 1 моддаи 248 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста нисбати ӯ ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 2 сол таъин намуд.

**Савол:**

Ҳукми суд ба қонунгузории ҷинояти мувофиқат мекунад ё не?

**Вазифаи №7**

Тиллоев барои савдои одамон мувофиқи қисми 1 моддаи $130^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 7 сол маҳкум гардид. Ба сифати ҷазои иловагӣ суд нисбати Тиллоев мусодири амволро бо қисми амволи ӯ (аз 3/1 ҳисса) таъин намуд.

**Савол:**

Оё таъини ҷазои иловагӣ нисбати Тиллоев асоснок аст?

**Вазифаи №8**

Оё нисбати шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд, нисбати хизматчиёни ҳарбӣ ва ё нисбати шахсе, ки ба синну соли нафақа расидаанд, таъин намудани ҷазои корҳои ҳатмӣ мумкин аст?

# МАВЗӮИ 15. ТАЪИНИ ҶАЗО

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.
3. Маҷмуи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2. Душанбе, 1996.
4. Қарорхои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оидӣ аз ҷониби судҳо тадбиқи асосҳои умумии таъини ҷазо” 12 декабри соли 2002.
5. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба таъин намудани ҷазо”. Душанбе, 2007.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
5. Багиенов М.И. Назначение наказания по советскому уголовному праву. Киев, 1980.
6. Крассиков Ю.А. Назначения наказания. М., 1991.
7. Ткаченько В.И. Назначения наказания. М., 1985.
8. Чучаев А.И. Личность приступника и вопросы наказания. М., 1990.

9. Ткаченько В.И. Общие начала наказания. Н. Российская юстиция. 1997. №1.

10. Становский М.Н. Назначение наказания. Санк – Петербург. 1999.

11. Сатторов.Г.С. Азимов. Н.Б. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Дастури методи. Душанбе, 2009.

**Вазифаи №1**

Сомиева барои дуздии маблағ дар вокзали роҳи оҳан мувофиқи қисми 1 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум карда шуд. Маълум гардид, ки худи Сомиева, ки аз ба рухсатии меҳнатӣ ба хона баргашта истода буд, ба вокзал барои ба дигар қатора нишастанаш, ки ба самти шаҳре, ки он ҷо Сомиева истиқомат мекард, фаромад. Дар ҳамин вокзал чипта, пул ва молу мулки ӯро тассаруф намуданд. Барои ҳамин ҳам бо мақсади дарёфти маблағ ва харидани чипта барои ба қатора нишастан ӯ дуздиро содир кардааст. Дар ҷойи кораш Сомиева дорои обрӯю эътибори хоса буда, дар зери тарбияаш фарзанди ноболиғ дорад.

**Савол:**

1. Талаботҳои асосҳои умумии таъни ҷазо риоя карда шудааст?

2. Агар не, аниқтараш кадом талаботҳо?

**Вазифаи №2**

Ноболиғ Барфиев аз муносибати бераҳмонаи падарандари худ аз хона гурехта ба шаҳри Хуҷанд омад. Аз сабаби он, ки барои зистану истеъмол кардан, ягон маблағеро надошт, дар шаҳр оворагардӣ карда ба киссабурии шаҳрвандон машғул шуд. Ҳангоми ба ҷавобгарӣ кашидани Барфиев мувофиқи банди “а” қисми 2 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд ба сифати ҷазои асосӣ нисбати ӯ андозаи муайяни ҷазои ҷаримае, ки дар моддаи мазкур муқарар карда

шудааст, таъин намуд ва ҳукми худро бо он асоснок намуд, ки Барфиев дуздиро такроран содир намудааст.

**Савол:**

1. Суд дар ин ҳолат дуруст ҳукм баровардааст?
2. Кадом ҳолатҳо бояд ҳангоми таъини ҷазо нисбати Барфиев ба инобат гирифта шаванд?

**Вазифаи №3**

Суд Назировро барои лату кӯби завҷаи худ ба ҷазои ҷарима ба маблағи муайян маҳкум намуд. Назиров дар ҷойи кори музди меҳнаташ паст кор карда дар тобеъияташ ду фарзанди хурдсолро дорад. Завҷаи ӯ бошад, бо сабаби бад будани вазъи саломатиаш кор намекунад. Барои он, ки маблағи ҷаримаро супорад Назаров як қисми амволи хонаашро фурӯхт.

**Савол:**

Оё талаботҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъини ҷазои ҷиноятӣ риоя карда шудааст?

**Вазифаи №4**

Маҳкумшудагон Носиров ва Шерматов байни худ маслиҳат карданд, то ки ба мағозаи хурокворие, ки дар дохили колонияи ислоҳӣ вуҷуд дошт, ворид шуда аз онҷо маводи хӯрока тасарруф намоянд. Ҳангоми шикастани қулфи мағоза, онҳоро навбатдор дида дастгир намуд.

**Савол:**

Муайян намоед, ки аз рӯи кадом қоидаҳо ба Носиров ва Шерматов ҷазо таъин карда мешавад?

**Вазифаи №5**

Комилов мувофиқи қисми 1 моддаи 248 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро ба муҳлати 3 сол бо маҳрум сохтан аз озодӣ адо карда истода, баъди 1

соли адои ҷазо боз барои гурехтан аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ мувофиқи қисми 1 моддаи 365 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 5 сол маҳрум сохтан аз озоди маҳкум намуд.

**Савол:**

Оё суд чунин ҳуқуқи таъин намудани ҳукми ҷазоро нисбати Комилов дорад ё не?

**Вазифаи №6**

Ноболғг Орипов бори аввал барои дуздии молу мулки шахси дигар мувофиқи қисми 1 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 2 сол маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шуд.

**Савол:**

Мақсади ҷазо ҳангоми таъин намудани чунин намуди ҷазо ба ноболиғ амалӣ мегардад ё не?

**Вазифаи №7**

Барои бо мақсади ғаразнок куштани ду шахс Бобоев мувофиқи бандҳои “а” ва “и” қисми 2 моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати 25 сол бо маҳрум сохтан аз озодӣ дар маҳбас маҳкум карда шуд.

**Савол:**

Хукми суд қонунӣ аст?

## МАВЗӮИ 16. ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ


**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанде: Графика, 2019.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
5. Келина С.Г. Теоритические вопросы освобождения от уголовной ответственности. М., 1974.
6. Магамедов А.А. Проровые последствия освобождения от уголовной ответственности. Саратов 1994.
7. Скибицский В.В. Освобождения от уголовной ответственности и отбывания от наказания. Киев, 1957.
8. Ткачевский Ю.М. Давность в уголовном праве. М., 1987.
9. Уголовное право. Общая часть. /Под.ред.проф. Н.Г. Кадникова Масква – Книжный мир. 2007.


**Вазифаи №1**

Парвонаеви 17 сола барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил бе мақсади тасарруф мувофиқи қис-

ми 1 моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд. Ҳимоятгари айбдоршаванда ба ҳолатхое, ки Парвонаев бори аввал ин ҷиноятро содир намудааст, ба гуноҳи худ иқрор шудааст ва аз оилаи бомаърифат буданаш такя намуда, ба муффатиш бо дархост пешниҳод намуд, ки Парвонаев метавонад бе таъини ҷазои ҷиноятӣ ислоҳ карда шуда ӯро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намоянд.

**Савол:**

1. Оё дархости ҳимоячӣ қонеъ карда мешавад?
2. Агар ҳа, он гоҳ меъёри ҳуқуқии ҷиноятиро нишон диҳед, ки он ҳамчун сабаби ҳал кардани чунин дархост гардад.

**Вазифаи №2**

Нисбати Қодиров, ки пештар барои авбошӣ суд шуда буд, барои саркашӣ кардан аз супоридани алимент мувофиқи моддаи 177 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд. Ҷойи истиқоматии гунаҳгор муайян карда нашуда, ӯ ба кофтуков эълон шуда буд. Қодиров, ки дар дигар деҳот истиқомат дошта ба савдогарӣ машғул буд, ин ҳолатро аз рафиқонаш фаҳмида ба собиқ оилааш, ки дигар ноҳия истиқомат дошт, маблағи калонеро барои таъминоти фарзандонаш супорида аз дасти ӯ забонхат мегирад, ки нисбати ӯ ягон хел даъво надорад.

**Савол:**

1. Мумкин аст, ки Қодиров аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад?
2. Агар ҳа, пас дар кадом асос?
3. Агар не, пас барои чӣ?

**Вазифаи №3**

15 марти соли 2005 Аброров дар ҳолати мастӣ ҳангоми занозанӣ кордро ба шиками ҳамсабақи худ Исоев

мезанад. Ҷабрдида ба беморхона афтида муддати дароз дар зери табобати духтурон қарор дошт, ки ниҳоят 10 апрели ҳамон сол аз сабаби гирифтани зарари вазнини ҷисмонӣ вафот мекунад. Муффатиш кирдори гунаҳкоронаи Аброровро мувофиқи қисми 1 моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст кард. Ҳангоми дида баромадани парвандаи ҷиноятӣ дар суд, Абароров дучори касалии вайроншавии фаъолияти рӯҳӣ гардид, ки имконияти ҷавоб додан ба кирдорҳои худ ва саришта кардани ҳаракатҳои ӯро рад мекард, ки дар натиҷа нисбати ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин карда шуд. Абароров 8 моҳро дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ гузаронид.

**Савол:**

Дар кадом вақт муҳлати ба ҷвобгарии ҷноятӣ кашидани Абароров мегузарад?

**Вазифаи №4**

Эргашев ҳнгоми рондани автомобил қоидаи ҳаракат дар роҳро вайрон мекунад, ки дар натиҷа аз беэҳиётӣ шаҳрванд Икромовро зада ба ӯ зарари миёнаи ҷисмонӣ мерасонад. Ба ин нигоҳ накарда, Эргашев ҳамон лаҳза Икромовро ба беморхона оварда, тамоми дорупулӣ ва маблағи ҷарроҳиро аз киссаи худаш ба духтурон медиҳаду аз ҷабрдида ва хешовандонаш сидқан узр мепурсад.

**Савол:**

Дар ин ҳолат Эргашев метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад?

**Вазифаи №5**

Донишҷӯ Тоҳиров барои дуздии магнитафон аз хонаи волидайни рафиқи ӯ мувофиқи қисми 1 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд. Дар мурофиаи судӣ Тоҳиров

худро гунаҳгор наҳисобида, гуфт, ки магнитафонро ӯ пинҳонӣ барои истифодабарии муваққатӣ ва бо мақсади ба соҳибаш баргардондан гирифтааст. Ҳимоятгари Тоҳиров ба суд дархосте пешниҳод намуд, ки Тоҳиров аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намуда нисбати ӯ парвандаи ҷиноятиро қатъ кунанд. Ҳимоячӣ дархости худро ба он ҳолате асоснок намуд, ки ҷабрдида оид ба ин ҳодиса нисбати айбдоршаванда даъво надорад, пештар доғи судӣ надорад ва тавсияномаҳои мусбӣ дорад.

**Савол:**

Дархости ҳимоячӣ асоснок аст?

**Вазифаи №6**

Шокиров аз шахсони номаълум бо мақсади минбаъда фурӯхтани маводи нашъадорро харидори намуд. Баъди чанд вақт ба маводи нашъадор харидор наёфта аз оне, ки ҳамсояҳо оид ба ин ҳолат бохабаранд, донista аз тарси оне, ки дастгир нашавад, маводи нашъаоварро бо ихтиёри худ оварда ба ШВКД супорид?

**Савол:**

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии Шокиров чӣ тавр ҳал карда мешавад?

**Вазифаи №7**

Малахов ва Турсунов гурӯҳро ташкил карда дар давоми чандин моҳҳо ба шуъбаҳои бонкҳо ва мағозаҳо бо мақсади дарёфти маблағ ҳуҷум мекарданд. Дар яке хамлаҳои навбатӣ Турсунов, қаровули бонкро ба қатл расонид. Ҷинояткорон баъди 10 сол дастгир карда шуданд. Муффатиш парвандаи ҷиноятиро бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан қатъ намуд.

**Савол:**

Оё муфаттиш дуруст қарор баровард ё не?

## МАВЗӮИ 17. ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАЗО

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2007. м. 76, 77, 78, 79, 80 ва 81.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.
4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
5. Ткачевский Ю.М. Освобождения от отбывания наказания. Москва, 1970.
6. Зельдов С.И. Освобождения от наказания и его отбывания. М., 1982.
7. Ткачевский Ю.М. Прогрессивная система исполнения уголовных наказаний. М., 1997.
8. Шарипов Т.Ш. Уголовное освобождения от отбывания наказания. Душанбе, 2003.
9. Институт уголовного неприменения наказания в уголовном праве. Шарипов Т.Ш. Душанбе, 2006


**Вазифаи №1**

Шоинов, Ғаффоров ва Чиллаева мувофиқи қисми 2 моддаи 186 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бандитизм бо 10 соли маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шуданд. Баъди 1 соли адои ҷазои ҷиноятӣ

онҳо аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ гурехта бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ба хориҷи кишвар рафтанд.

**Савол:**

Мухлати иҷрои ҳукми айбдоркуниро муайян намоед?

**Вазифаи №2**

Сайфиддинов барои одамкушӣ мувофиқи қисми 1 моддаи 104 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 15 соли маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шуд. Баъди баровардани ҳукми суд ба ӯ имкон даст дод, ки аз толори судӣ гурезад. Ҳамин тариқ, баъди 10 сол Сайфидинов ёфт гардида, дастгир карда шуд.

**Савол:**

Оё иҷрои ин ҳукм нисбати Сайфидинов имконпазир аст?

**Вазифаи №3**

Шарипов, мувофиқи моддаи 308 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷосусӣ бо 15 сол маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шуда буд ва баъди ду соли адои ҷазо ба бемории сил гирифтор шуд. Ӯ маъюби гуруҳи II дониста шуд.

**Савол:**

Оё Шарипов аз ҷазо озод карда мешавад ё не?

**Вазифаи №4**

Тиллоев, ки барои лату кӯб мувофиқи қисми 1 моддаи 116 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо мекард, баъди адои нисфи ҷазо, маъюби гурӯҳи III дониста шуд. Тилоев ба суд бо ариза муроҷиат намуд, то ки ӯро бо сабаби беморӣ аз ҷазо озод намояд.

**Савол:**

Оё аризаи Тилоев қонеъ карда мешавад ё не?

**Вазифаи №5**

Зоирова, ки ҳомиладор буд, ҷинояти қаллобиро, ки дар моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар шудааст, содир намуд.

**Савол:**

Ҳангоми баррасии парванда аз ҷониби суд, ҳомиладории Зоирова ҳамчун асоси аз ҷазо озод кардани ӯ мегардад ё не?

**Вазифаи №6**

Рашидова, ки ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ адо карда истода буд, фарзанди панҷсолааш вафот мекунад.

**Савол:**

Дар ин ҳолат суд дар хусуси адои қисми адонашудаи ҷазои Рашидова чӣ тавр рафтор менамояд?

**Вазифаи №7**

Пирназарова мувофиқи қисми 2 моддаи 186 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 10 соли маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда буд. Баъди ду соли адои ҷазо, ӯ ба суд бо ариза оид ба аз ҷазо озод кардани ӯ мурочиат намуд. Аризаи худро бо он асоснок намуд, ки модари ӯ бемории вазнин шудааст ва духтарчаи 5 солаи ӯ, ки дар дасти модараш буд, аз сабаби бемории модараш беназорат мондааст.

**Савол:**

Суд бояд ин маълумотро чӣ тавр ҳал намояд?

**Вазифаи №8**

Сафарова, ки нисбати ӯ мувофиқи моддаи 78 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон адои ҷазо мавқуф гузошта шуда буд, баъди огоҳии назорати муасси-

саи ислоҳӣ, кудаки худро ба сағирахона супорида аз шаҳр ғайб зад. Баъди чанд вақт ӯро дастгир карданд.

**Савол:**

Нисбати Сафарова аз ҷониби назорати муассисаи ислоҳӣ ва суд кадом чораҳои ҳуқуқӣ андешида мешавад?

## МАВЗӮИ 18. АВФ. БАХШИШИ ҶАЗО. ДОҒИ СУДӢ. САФЕДКУНӢ.

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

**Адабиёт**


1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Тимошенко К.М. Помилование в уголовном праве. М., НИИ МВО РФ, 1994.

6. Тарбагаев А.Н. Кролачев Н.М. Бойцов А.И. Судимость и её уголовно – правовое значение. //Вести ЛГУ, сер 6. Вып 2. 1990.


**Вазифаи №1**

Фармонов мувофиқи қисми 1 моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҷовуз ба номус бо 5 соли маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шуд. Ҷазои ҷиноятӣ аз тарафи Фармонов пурра адо карда шуд.

**Савол:**

Баъди чанд мухлат доғи судии Фармонов бардошта мешавад?

**Вазифаи №2**

Воҳидов мувофиқи 1 моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳзанӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 7 сол маҳкум карда шуд. Ҷазоро ӯ пурра адо намуд. Баъди 1 соли озод шуданаш Воҳидов боз дуздӣ содир намуд.

**Савол:**

1. Содир намудани ҷинояти нав аз тарафи Воҳидов оё ба муҳлати барҳам хурдани доғи судии ҷинояти пештарааш таъсир мерасонад ё не?

2. Кадом вақт доғи судии Воҳидов барои роҳзанӣ ва дуздӣ барҳам мехӯрад?

**Вазифаи №3**

Хоҷаев мувофиқи банди “в” қисми 2 моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 4 сол маҳкум карда шуда, бо сабаби беморӣ ва тибқи моддаи 79 Кодекси ҷиноятӣ аз минбаъда адои ҷазо озод карда шуд. Ҷазои адо накарда 1 солро ташкил медод. Баъди ду сол Хоҷаев мувофиқи қисми 2 моддаи 111 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд.

**Савол:**

Суд метавонад, ки ҳангоми баровардани ҳукми нав он ҳолатҳоеро, ки Хоҷаев барои қаллобӣ доғи судӣ дошт ба назар гирад?

**Вазифаи №4**

Соҳибов барои ҷинояти сордирнамудааш пурра ҷазое, ки ба ӯ суд таъин карда буд, адо намуд. Баъди 3 со-

ли адои ҷазо Соҳибов ба суд оид ба бардоштани доғи судии ӯ бо ариза муроҷиат намуд.

**Савол:**

1. Муроҷиати Соҳибовро суд қонеъ мегардонад?
2. Дар кадом ҳолатҳо доғи судӣ барҳам мехурад?

**Вазифаи №5**

Содиқов дар шаҳри Москва мутобиқи қисми 1 моддаи 159 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия барои қаллобӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд. Дар рафти тафтишот маълум гардид, ки Содиқов барои чунин ҷиноят яъне қаллобӣ мувофиқи моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳудуди шаҳри Душанбе маҳкум карда шуда буд ва то ҳол доғи судиаш бардошта нашудааст.

**Савол:**

Оё метавонад, ки қаллобие, ки Содиқов дар шаҳри Москва содир намудааст бо банди "б" қисми 2 моддаи 159 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия (такроран содир намудани қоллобӣ) ва бо сабаби доштани доғи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз барои ҳамин ҷиноят банду баст карда мешавад?

# МАВЗӮИ 19. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ НОБОЛИҒОН

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои ноболиғон” №6 аз 12 декабри 2002 сол.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Астемиров З.А. Уголовная ответсивенность и наказания несовершеннолетних. М., 1970.

6. Бабаев М.М. Индувидуализатция наказания несовершеннолетных. М., 1968.

7. Скрябин М.А. Общие начала наказания и их пременение к несовершеннолетних. Казань, 2002.

8. Волкова В.М. Предупреждение преступности несовершеннолетних. Ставраполь, 2002.

9. Ибрагимова А.М. Проблемы назначения наказания несовершеннолетних. Махачкала 2002.

10. Атшианов Т.Д. Особенности освобождения несовершеннолетних от уголовной ответственности. Казахстан, 2000.

11. Азимов Н.Б. Особенности уголовной ответственности и наказания несовершеннолетних по новому уголовному заканадательству. Респулика Таджикистан. Душанбе, Маориф ва Фарҳанг, 2006.

**Вазифаи №1**

Шаҳрванд Беков А. барои маслиҳат ба ҳимоячи муроҷиат намуд. Диққати ӯро оқибатҳои ҳуқуқии масъалае, ки писари ӯ Беков Ш. (13 сола), якҷоягӣ бо рафиқонаш Зоиров ва Камалов (13 ва 10 сола), ки аз ҳисиёти авбошӣ шаҳрванд Султонови бехонаву дар ва оворагард бо корд зада куштанд, ҷалб мекард.

**Савол:**

Оё навросон Беков, Зоиров ва Камолов ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд?

**Вазифаи №2**

Саидови 15 сола нисбати ноболиғ Иванова таҷовуз ба номус содир карда ба саломатии ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонидаат. Дар рафти тафтишот маълум гардид, ки Саидов дучори муваққатан вайроншавии фаъолияти рӯҳӣ буда, ба кирдорҳои худ ҷавоб дода наметавонист ва онҳоро идора ё ин, ки саришта карда наметавонист. Барои ҳамин хам, ҳимоятгари Саидов ба суд дархост пешниҳод намуд, ки нисбати Саидов бо тадбиқи қисми 4 моддаи 23 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шавад.

**Савол:**

Барои тадбиқи қисми 4 моддаи 23 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос вуҷуд дорад ё не?

**Вазифаи №3**

Баҳромова ва Зоғакови 14 сола дар ҷойи либоспӯшии зали варзишӣ дар назди дигар ҳамсинфон бо сабаби он, ки Валиев воллейбол бозӣ карда натавонисту маҳз бохти дастаи онҳо бо айби ӯ аст, лату кӯб намуда ба ӯ зарари ҷисмонӣ расониданд. Модари Валиев ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ барои авбошии Баҳромов ва Зоғаков муроҷиат намуд.

**Савол:**

Муффатиш дар ин ҳолат чӣ тавр масъаларо ҳал мекунад?

**Вазифаи №4**

Аз автомобили Гурезов шишаи пеши онро дузди данд, ки Гурезов оид ба ин ҳодиса ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намуд. Дар рафти тафтишот маълум гардид, ки дуздиро писари худи Гурезов, ки 15 сола аст, ҳамроҳи рафиконаш Исмоилов ва Зубайдов 19 сола содир намуда, бар ивази музди шишаи автомобил машруботи спиртӣ харида ҳамроҳ нушидаанд. Гурезов ин ҳолатро фаҳмида боз аз сари нав ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат ва хоҳиш намуд, ки парвандаи ҷиноятиро қатъ гардонанд.

**Савол:**

Муффатиш чӣ тавр бояд дар ин ҳолат рафтор намояд?

**Вазифаи №5**

Ноболиғ Расулови 17 сола, ки дар шуъбаи рӯзонаи факултаи иқтисодиёти донишкада таҳсил мекард, мувофиқи қисми 1 моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қаллобӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда нисбати ӯ суд дар намуди ҷарима ҷазо таъин намуд.

**Савол:**

Аз ҷониби суд намуди ҷазо дуруст интихоб карда шудааст?

**Вазифаи №6**

Муҳаббатови 14 сола барои содир кардани дуздӣ мувофиқи қисми 1 моддаи 244 ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд. Муҳаббатов дар ягон ҷо кор намекард. Баъди вафоти падараш ба ӯ камтар коғазҳои қимматнок мерос монда буд. Суд нисбати Муҳаббатов ҷазоро дар намуди ҷарима таъин намуд.

**Савол:**

Оё ҷазои таъиннамудаи суд нисбати Муҳаббатов дуруст аст?

**Вазифаи №7**

Ноболиғ Бобоеви 15 сола бори аввал дуздӣ содир карда, барои он дастгир шуд. Суд нисбати ӯ мувофиқи қисми 1 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 2 сол таъин намуд. Ноболиғ модари бемор ва ду хоҳари ноболиғи дигар дорад. Падараш вафот кардааст. Дар кӯча мошин шуста оилаи худро бо ҳамин пул таъмин менамуд.

**Савол:**

1. Оё ҳукми таъинкардаи суд нисбати ноболиғ Бобоев дуруст аст?

2. Ҷазои таъинкардаи суд ба мақсади мувофиқат мукунад?

# МАВЗӮИ 20. ЧОРАҲОИ МАҶБУРИИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТИББӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

3. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. Душанбе, 2017.

**Адабиёт**

1. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

3. Хусейнзода С.Х., Музаффаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебное пособие. Душанбе: ЭР-граф, 2017.

4. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Душанбе: ЭР-граф, 2019.

5. Улицкий С.Я. Проблемы принудительных мер медицинского характера. М., 1973.

6. Протченко Б.А. Принудительные меры медицинского характера. М., 1976.

7. Право и психиатрия./Сотс. С.В. Полубинская. Научный редактор С.В. Бородин. М.,1991.

8. Нозоренко Г.В. Принудительные меры медицинского характера в уголном прве. //. Уголовное пособие. Москва, 2000.

**Вазифаи №1**

Сарбандов кирдори ба ҷамъият хавфнокро дар намуди ҳай карда бурдани автомобили шахси дигар бе

мақсади тассаруф содир намуд. Дар асоси маводҳои парванда ва хулосаи экспертизаи наркологӣ, суд муайян кард, ки чунин кирдорро Сарбандов дар ҳолати мастии паталогӣ содир намудааст. Суд нисбати Сарбандов табобати маҷбуриро дар стасионари шифохонаи рӯҳии низоми умумӣ таъин намуда, парвандаи ҷиноятиро дар асоси мавҷуд набудани таркиби ҷиноят нисбати ӯ қатъ намуд.

**Савол:**

Қарори суд ба қонун мувофиқат мекунад?

**Вазифаи №2** Шокиров барои ғайриқонунӣ истеҳсол, нигоҳ доштани воситаи нашъадор ба мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мувофиқи қисми 1 моддаи 201 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд. Аз рӯи хулосаи экспертизаи судӣ – наркологӣ маълум гардид, ки Шокиров мукаллаф буда, аммо аз сабаби нашъаманд буданаш ба табобати маҷбурӣ муҳтоҷ аст.

**Савол:**

Асос ва намуди чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар ин ҳолат муайян намоед?

**Вазифаи №3**

Мувофиқи хулосаи экспертизаи судӣ – рӯҳшиносӣ шаҳрванд Комилов, ки барои содиркунии ҷинояти одамкушӣ мувофиқи қисми 1 моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда буд, мукаллаф ҳисобида шуд, аммо Комилов баъди содир намудани ҷиноят гирифтори вайроншавии беморecho рӯҳӣ гардид, ки имконияти идора ва саришта кардани ҳаракатҳои худро аз даст додааст. Ҳангоми аз ҷониби суд муайян намудани чунин ҳолат, ба ӯ табобати маҷбурӣ дар стасионари шифохонаи рӯҳии низоми умумӣ ба муҳати 1 сол таъин карда шуд. Баъди 1 сол мувофи-

қи хулосаи комиссияи духтурони руҳшинос зарурати давом додани табобат аз байн рафт.

**Савол:**

Суд бояд ин масъаларо чӣ гуна ҳал намояд?

**Вазифаи №4**

Шамсов барои куштани ду шахс мувофиқи банди "а" қисми 2 моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шуд. Дар ҳукм муқарар карда шудааст, ки нисбати ӯ ба муҳлати 2 сол табобати маҷбурии аз касалии хроникии майзадагӣ татбиқ карда шудааст.

**Савол:**

Суд ҳуқуқ дорад, ки муҳлати тадбиқи табобати маҷбуриро муайян намояд?

**Вазифаи №5**

Ҳангоми адои ҷазо, Саидов мубталои бемории рӯҳӣ гардид. Маъмурияти муассисаи ислоҳӣ ба суд хулосаи экспертизаи руҳшиносро оид ба бемории Саидов ва барои озод кардани ӯ дархост пешниҳод намуданд. Суд чунин пешниҳодро рад намуд ва ба он ҳолат такя намуд, ки Саидов бо 15 соли маҳрумӣ аз озодӣ барои куштани се нафар шахс маҳкум карда шудаасту танҳо ҳамагӣ ду соли ҷазоро адо кардааст. Хулоса, Саидов барои озодшавӣ аз ҷазо бо сабаби беморӣ сазовор нест.

**Савол:**

Оё далели асосноккардаи суд ба қонун мувофиқат мекунад?

**Вазифаи №6**

Қурбонов мувофиққи моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дуздӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шуд. Чӣ хеле, ки дар рафти тафтишот маълум гардида буд, айбдоршаванда гириф-

тори касалии нашъамандӣ буда маводи нашъадорро истеъмол менамояд. Аллакай як маротиба курси 6 моҳаи табобатро гузаштааст. Баъди чанд муддат пас аз табобат боз ба истеъмоли чунин мавод сар кардааст. Маҳз сабаби ба ҷинояти дуздӣ даст задани Қурбонов ин дарёфти маблағ барои харида истеъмол кардани маводи нашъадор мебошад. Экспертизаи судӣ – рӯҳшиносӣ ӯро мукаллаф ҳисобида муайян намуд, ки ба табобат аз нашъамандӣ муҳтоҷ аст. Суд ҳангоми таъини ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ ба муҳлати ду сол, инчунин нисбати Қурбонов боз табобати маҷбуриро аз нашъамандӣ ба муҳлати 1 сол таъин намуд.

**Савол:**

Ба чӣ дараҷа қонунӣ будани ҳукми суд баҳо диҳед?

***Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ***
***Азимзода Назир Бозор***
***Авизова Шаҳноза Неъматуллоевна***

# ҲУҚУҚУИ ҶИНОЯТӢ

**ҚИСМИ УМУМӢ**

**МАҶМӮАИ МАСЪАЛАҲО**

(воситаи таълимӣ)

Ба чоп 26.09.2019 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 1/16. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 6,25.
Теъдоди нашр 200 нусха.

ҶДММ “Графика-83”.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.